**Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башар**

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ИНТИХОБОТИ ПАРЛУМОНӢ

**28 феврали соли 2010**

**Миссияи нозирони интихоботи САҲА/ДИДҲБ**

**Гузориши ниҳоӣ**

**Варшава**
**6 июли соли 2010**

# МУНДАРИҶА


I. МАЪЛУМОТИ ИБТИДОӢ ..... 1

II. МУҚАДДИМА ВА ИЗҲОРИ СИПОСГУЗОРӢ ..... 3

III. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР. МУҲИТИ СИЁСӢ ..... 4

IV. СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТ ВА ЧАҲОРЧӮБИ ҚОНУН ..... 5

V. ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТ ..... 8

А. Ташкилёбӣ ва ҳайати комиссияҳои интихоботӣ ..... 8
Б. Шаффофият дар фаъолияти комиссияи интихоботӣ ..... 9
В. Вазифаҳо ва фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ..... 10

VI. БАҚАЙДГИРИИ ОВОЗДИҲАНДАГОН. РӮЙХАТҲОИ ОВОЗДИҲАНДАГОН ..... 11

VII. САБТИ НОМЗАДҲО ..... 11

А. Меъёрҳо ва талаботҳо барои сабти номзадҳо ..... 11
Б. Пешбарӣ ва сабткунии номзадҳо ..... 12

VIII. МУҲИТИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ ..... 13

IX. ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА ..... 16

А. Маълумоти ибтидоӣ ..... 16
Б. Чаҳорчӯби қонунии фаъолияти ВАО ..... 17
В. Хулосаи мониторинги ВАО ..... 19

X. ИШТИРОКИ ЗАНОН ..... 21

XI. ИШТИРОКИ АҚҚАЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ ..... 22

XII. НОЗИРОНИ ДОХИЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ ..... 23

XIII. АРЗУ ШИКОЯТҲО ..... 23

XIV. НАЗОРАТ АЗ РАВАНДИ ОВОЗДИҲӢ ВА ҲИСОБКУНИИ ОВОЗҲО ..... 27

А. Овоздиҳӣ ..... 27
Б. Ҳисобкунӣ ва ҷадвалгузории овозҳо ..... 28
*1. Ҳисобкунӣ* ..... *29*
*2. Ҷадвалгузорӣ* ..... *29*

XV. ЭЪЛОНИ НАТИҶАҲО ..... 30

XVI. ШИКОЯТҲО ПАС АЗ РӮЗИ ИНТИХОБОТ ..... 31

XVII. ТАВСИЯҲО ..... 33

А. Тавсияҳои авлавӣ ..... 33
Б. Тавсияҳои дигар ..... 34

ЗАМИМА: ТАВЗЕЪИ НИҲОИИ ҶОЙҲО ДАР ПАРЛУМОН ..... 37

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНТИХОБОТИ ПАРЛУМОНӢ**
**28 феврали соли 2010**

**Гузориши ниҳоии Миссияи нозирони интихоботии САҲА/ДИДҲБ**

# I. МАЪЛУМОТИ ИБТИДОӢ

Барои назорат бурдан аз раванди интихоботи парлумонӣ дар таърихи 28 феврали соли 2010 (мутобиқи таахҳудоти САҲА) Ҷумҳурии Тоҷикистон Дафтари институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари САҲА-ро даъват намуд. Пас аз анҷоми арзёбии ниёзҳо, САҲА/ДИДҲБ як миссияи нозирони интихоботиро ташкил намуда, онро ба Тоҷикистон, ҷиҳати назорат бурдан аз раванди интихоботи парлумонӣ, эъзом дод.

Интихоботи парлумонии сипаришуда ҷавобгӯйи аксарияти таахҳудоти калидии САҲА, аз ҷумла Санади Копенҳаген аз соли 1990-и САҲА, ва инчунин дигар меъёрҳои байналмиллалӣ барои интихоботи демократӣ набуд. Ҳамчунин, қонунгузории худи кишвар ба таври комил риоя нашуд. Камбудиҳои назаррас дар риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар робита ба баррасии шикоёт вуҷуд доштанд. Қонун дар мавриди қоидаҳои баргузории маъракаи пешазинтихоботӣ ба таври дуруст истифода бурда нашуд. Дар рӯзи интихобот камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доштанд, аз ҷумла дараҷаи баланди овоздиҳӣ аз рӯи бовариномa ба назар мерасид.  Гарчанде ки Президенти кишвар ваъда дода буд, ки интихобот бештар ба таври демократӣ ва шаффоф баргузор хоҳад гардид. Дар интихоботи сипаришуда яке аз тағйироти мусбӣ дар он буд, ки Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР) дар қиёс бо интихоботҳои қаблӣ бештар фаъол буд.

Аз соли 2004 ин ҷониб ба қонун дар бораи интихобот ҳеч кадом тағйиру иловаҳои назаррас дароварда нашудааст. Мутобиқи арзёбии ҳуқуқии САҲА/ДИДҲБ аз соли 2004, барои иҷро кардани таахҳудоти САҲА қонун дар бораи интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба беҳбудӣ ниёз дорад. Сарфи назар аз камбудиҳо, қонун дар бораи интихобот барои баргузории интихоботи демократӣ метавонист заминаеро фароҳам оварад, агар он ба таври шаффоф ва ғайримуғризона иҷро мегардид ва инчунин ба он дастурҳои муфассал илова карда мешуданд.

Қонун камбудиҳои зеринро дарбар мегирад: кафолатҳои ҳуқуқӣ дар ташкил кардани ҳайати комиссияҳои интихоботӣ (дар сатҳҳои пойин), иборат аз аъзоёни гуногунҳизб ва гуногунандеш, вуҷуд надоранд; талаботҳо барои номзад ба вакили парлумон шудан ниҳоят вазнинанд; ойинҳо дар мавриди иройяи арзу шикоятҳо ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст ва муқаррарот дар робита ба ҷиҳатҳои муҳими раванди интихобот (аз ҷумла, бақайдгирии овоздиҳандагон, гузаронидани маъракаҳои пешазинтихоботӣ ва ташрифот дар рӯзи интихобот) норӯшан тавсиф шудаанд. Дар амал, ойинҳои вуҷуддошта аз сӯйистеъмол аз ваколат ба таври зарурӣ ҳимоя карда натавонистанд ва баргузории якзайл ва пайдарпайи раванди интихоботро таъмин накарданд. Илова бар ин, баъзе муқаррароти қонун принсипи озодии баёнро, ки асоси  интихоботи демократӣ мебошад, зери суол мегузоранд.

Умуман, КМИР дар муддати таъйиншуда корро анҷом дод. Аммо, чи КМИР ва чи Комиссияҳои ҳавзавии интихобот (КҲИ) ҳангоми иҷрои вазифаашон ба меъёрҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ ҷавобгӯй набуданд. Аксарияти аъзои КҲИ мансабдорони баландпояи маҳаллӣ ва намояндагони Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ)

буданд, ки ин омил мустақилияти комиссияҳоро зери суол мегузошт. КМИР маҷлисҳои ғайрирасмӣ баргузор менамуд, гарчанде ки аз рӯйи қонун маҷлисҳо бояд ба таври расмӣ сурат мегирифтанд. Ба шикоятҳое, ки ба суроғаи КМИР мерасид, тавассути нома посух дода мешуд, гарчанде ки мебоист қарори расмӣ қабул мешуд. Чунин корбарӣ ҳуқуқи шикоятбаронро барои шикоят кардан поймол менамуд. Дар ҷараёни фаъолияти интихоботӣ, КМИР мебоист барои фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ дар сатҳи пойин дастурҳо интишор мекард, то ки камбудиҳо ва думаъногиҳои қонун дар бораи интихобот бартараф шаванд, ба хусус дар робита ба ойинҳои рӯзи интихобот.

КМИР тамоми номзадҳоеро, ки талаботҳои қонунро иҷро карданд, ба қайд гирифт. Бо вуҷуди ин, гаравпулии интихоботӣ дар муқоиса бо даромади миёна маблағи ҳангуфтро ташкил медод ва аз ин сабаб як қатор номзадҳо аз марҳилаи бақайдгирӣ нагузаштанд. Ба қонун мувофиқат кардани талабот дар мавриди он, ки номзадҳо бояд маълумоти олӣ дошта бошанд, баҳсбарангез буд. Шояд, як теъдоди дигари номзадон аз ин марҳила низ нагузаштаанд. Номзадҳо аз ҳизби ҳукмрон, яъне ҲХДТ, дар тамоми ҳавзаҳои интихоботӣ ба қайд гирифта шуданд, ба истиснои яке аз ҳавзаҳои интихоботии якмандата. Аз ҳизбҳои дигар теъдоди ниҳоят ками номзадҳо ба қайд гирифта шуданд. Дар маҷмӯъ, ҳизбҳо ва номзадҳои гуногун ба овоздиҳандагон барномаҳои сиёсии гуногунро пешкаш намуда, то андозае имкони интихобро пешниҳод менамуданд.

Маъракаи интихоботӣ дар сатҳи пасти таблиғот сурат гирифта, таваҷҷӯҳи умда ба сохтмони нерӯгоҳи барқӣ-обӣ равона буд. Маъракаи интихоботӣ дер оғоз гардид, азбаски баъзе номзадҳоро дер ба қайд гирифтанд ва инчунин ҷудо кардани вақти ройгон ба номзадҳо дар радио ва телевизион дер сурат гирифт. Номувофиқ ва дар баъзе маврид нодуруст истифода бурдани қоидаҳои маъракагузаронӣ сабаби он гардид, ки номзадҳо имконияти баробар барои тарғибу ташвиқ надоштанд, хусусан номзадҳои мухолифин аз бештари имконоти худ истифода бурда натавонистанд.

Гузоришҳои қобили эътимод ва бозрасишуда аз он далолат медиҳанд, ки мақомоти маҳаллӣ ва пулис қоидаҳои баргузории маъракаҳои интихоботиро вайрон карда, ба ҳизбҳои мухолиф халал ворид месохтанд. Аз рӯйи маълумоти дастрасшудае, ки Миссияи нозирони интихоботи САҲА/ДИДҲБ тасдиқ кардааст, дар шаҳрҳои Душанбе, Кӯлоб ва Ваҳдат пулис аз фаъолияти маъракагузаронии интихоботии Ҳизби наҳзати Исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) ҷилавгирӣ кардааст ва дар баъзе маврид онҳоро ба муддати кӯтоҳ боздошт намудааст. Ғайр аз ин, МНИ САҲА/ДИДҲБ маълумоти қобили эътимодро дастрас кардааст, ки мувофиқи он ба кормандони давлатӣ ва овоздиҳандагон фишор оварда шудааст, то ба номзади ҲХДТ овоз диҳанд ва ё ба пирӯзии ӯ мусоидат намоянд. Ҳамчунин, МНИ САҲА/ДИДҲБ маълумотеро дастрас намуд, ки гӯиё ба баъзе номзадҳо ва ё намояндаи ваколатдори онҳо фишор оварда шуд, то аз рақобат даст кашанд.

Набудани гуногунандешӣ дар васоити ахбори омма, таъсири маҳдуди матбуот ва инчунин худсензураи рӯзноманигорон боиси он гардид, ки шаҳрвандон ба иттилооти аз сӯи муаллифони гуногунандеш тақдимшуда дастрасии маҳдуд доштанд. Аз рӯи мониторинги ВАО, ки аз ҷониби САҲА/ДИДҲБ гузаронида шуд, дар барномаҳои телевизионӣ, ки ягона сарчашмаи иттилоот барои шаҳрвандон ба ҳисоб меравад, гуногунандешӣ ниҳоят кам ба назар мерасид. Дар матбуот бошад, баръакс, фикру андешаҳои гуногун ва муқобил дарҷ мегарданд, аммо аз сабаби он, ки теъдоди хеле ками рӯзномаву маҷаллаҳо берун аз шаҳрҳои бузург паҳн мешаванд ва онҳо танҳо дар як ҳафта як маротиба аз чоп мебароянд,

дар бисёр мавридҳо таъсири онҳо хеле маҳдуд ба назар мерасид. Рӯзноманигорон гузориш медоданд, ки муҳити кории пешазинтихоботӣ камтар назорат карда мешавад ва дар баробари ин онҳо инчунин аз худсензура хабар медоданд. Дар арафаи интихобот, ба истиснои вақти телевизионии ройгон ва пулакӣ, танҳо иттилооти техникӣ дар бораи раванди интихобот паҳн мешуд. Микёси маъракаҳои интихоботӣ қариб ки тамоман дар телевизион пахш намегардид. Ҳамаи ин боис шуд, ки иттилоот барои овоздиҳандагон маҳдуд буд, то ки онҳо интихоби огоҳона намоянд.

Ба иллати нокифоя будани чаҳорчӯби қонунӣ барои арзу шикоятҳо ва тарзи корбарӣ бо шикоятҳо аз ҷониби комиссияҳои интихоботӣ, ҳуқуқи шикоятбарандагон ҷиҳати ба таври муассир ҳал намудани даъвоҳои онҳо поймол шудааст. Дар амал, принсипҳои волоияти қонун, ойини ҳуқуқии лозим, шаффофият ва ҳаққи муроҷиат кардан ба комиссияи интихоботии баландпоя ва ё ба додгоҳ вайрон карда шуданд. Он касоне, ки пеш аз интихобот даст ба қонунвайронкунӣ заданд, барои аъмоли худ ба ҷавобгарӣ кашида нашуданд.

Ҳарчанд ки рӯзи интихобот дар фазои сулҳу оромӣ гузашт, овоздиҳӣ танҳо дар 74% ҳавзаҳои интихоботӣ аз ҷониби нозирон мусбат арзёбӣ шудааст, ки ин нишондиҳанда мӯҷиби нигаронии ҷиддист. Аксарияти комиссияҳои участкавии интихобот (КУИ) ойинҳои зарурии интихоботиро риоя накардаанд. Баъзе иштибоҳоти ҷиддӣ ҷой доштанд, ки одилона гузаштани интихоботро зери шубҳа мегузорад. Тақрибан дар нисфи ҳавзаҳои интихоботии аз назар гузаронидашуда рӯйхатҳои овоздиҳандагон имзоҳои якхеларо дарбар мегирифтанд. Овоздиҳӣ аз рӯи боваринома (овоздиҳӣ ба ҷои нафари дигар) хеле зиёд ба назар мерасид ва проблемаи ҷиддиро ба вуҷуд меовард, гарчанде ки ин навъи овоздиҳӣ тибқи қонуни интихобот манъ карда шудааст. Дар бораи ҳодисаҳои пуркунии сандуқи овоздиҳӣ бо варақаҳои овоздиҳии қалбакӣ гузориш дода шудааст. Раванди ҳисобкунӣ ва ҷадвалбандии овозҳо дар муқоиса бо раванди овоздиҳӣ бештар манфӣ арзёбӣ шудааст. Дар бештар аз нисфи ҳисоботи натиҷаҳо ғалатҳои ташрифотӣ мушоҳида шудааст ва нозирон гузориш додаанд, ки дар КҲИ-ҳо ба протоколҳои КУИ тағйирот ворид карда шудаанд, ки чунин воқеъият дурустии ҷадвалбандиро зери шубҳаи ҷиддӣ мегузорад.

САҲА/ДИДҲБ омода аст, то ба мақомоти давлатӣ ва дигар доираҳои алоқаманд дар Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масоил дар робита ба интихоботи сипаришуда кӯмак намояд. Дар поёни ин гузориш як қатор тавсияҳои марбута оварда шудааст.

## II. МУҚАДДИМА ВА ИЗҲОРИ СИПОСГУЗОРӢ

Бо мақсади иҷро намудани тааҳудоти худ ҳамчун кишвари узви САҲА,Ҷумҳурии Тоҷикистон Дафтари САҲА оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башарро (САҲА/ДИДҲБ) даъват намуд, то ки ин созмон бар раванди интихоботи парлумонӣ, ки дар таърихи 28 феврали соли 2010 таъйин шудааст, назорат барад. Пас аз анҷоми арзёбии ниёзҳо, ки аз 9 то 11 ноябри соли 2009 гузаронида шуд, САҲА/ДИДҲБ миссияи нозирони интихоботро таъсис дода ба Тоҷикистон эъзом намуд. Миссияи нозирони интихобот (МНИ) бо сарварии Д-р Артис Пабрикс кори худро дар таърихи 14 январ оғоз намуда ва дар миёнаҳои моҳи март анҷом додааст. Миссия бо 17 коршинос ва 20 нозирини дарозмуддат дар шаҳри Душанбе ва 6 маркази минтақавӣ фаъолияти худро ба роҳ монда

буд. Танҳо дар ҳавзаи интихоботии №19 (Конибодом) даври дуввуми интихобот баргузор гашт, ки дар он намояндагони миссия иштирок накарданд. Рӯзи 28 феврал дар Тоҷикистон интихоботи вакилон ба маҷлисҳои ноҳиявӣ ва вилоятӣ низ баргузор гардид. Ин интихоботҳоро намояндагони миссия таҳти муроқибати худ қарор надоданд, ба истисноии он мавридҳое, ки ба интихоботи парлумонӣ робитаи мустақим доштанд.

Барои назорат бурдан дар рӯзи интихобот, САҲА/ДИДҲБ дар якҷоягӣ бо ҳайатҳои намояндагӣ аз Ассамблеяи парлумонии САҲА ва Парлумони Аврупо Миссияи байналмилалии нозирони интихоботро (МБНИ) ташкил дода, фаъолияти муштаракро роҳандозӣ намуданд. Дар рӯзи интихобот, 242 нозири МБНИ аз 36 кишвар-аъзои САҲА ба 720 ҳавзаи интихоботӣ аз ҷумлаи 3000 дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ташриф оварда, фаъолияти 35 комиссияи ҳавзавии интихоботро (шумораи умумии онҳо ба 41 мерасид) мушоҳида карданд.

МНИ САҲА/ДИДҲБ ба Вазорати корҳои хориҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, КМИР ва дигар мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ барои дастгирӣ ва ҳамкорӣ миннатдории худро баён менамояд. Ҳамчунин, миссия аз Дафтари САҲА дар Тоҷикистон, Комиссари аршади САҲА дар масоили аққалиятҳои миллӣ, созмонҳои байналмиллалӣ ва сафоратҳои кишварҳои хориҷӣ дар Душанбе барои ҳамкорӣ ва кӯмак сипосгузор аст.

## III. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР. МУҲИТИ СИЁСӢ

Интихобот ба зинаи поёнии парлумон (Маҷлиси намояндагон), ки дар таърихи 28 феврал баргузор гардид, сеюмин интихоботи парлумонии бисёрҳизбӣ аз замони пас аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-97 ба ҳисоб меравад. САҲА/ДИДҲБ интихоботи парлумонии солҳои 2000 ва 2005-ро мушоҳида намудааст. Аз рӯйи хулосаи он, интихоботи соли 2005 «ҷавобгӯйи бисёре аз ӯҳдадориҳои калидии САҲА ҷиҳати баргузории интихоботи демократӣ (мутобиқи Санади Копенҳаген аз с. 1990) набудааст ва ин интихобот пурра мувофиқи қонуни марбутаи ҷумҳурӣ гузаронида нашудааст».[1]

Дар Тоҷикистон системаи сиёсӣ бо ҳукумати иҷроияи қавӣ, бо сарварии президенти кишвар, ифода меёбад. Соли 2003 тавассути раъйпурсӣ ба сарқонуни ҷумҳурӣ тағйиру иловаҳо дароварда шудааст, ки мутобиқи онҳо мӯҳлати ҳукуматдории президент аз 5 сол ба 7 сол дароз карда шуд.[2] Моҳи ноябри соли 2006 Президент Эмомалӣ Раҳмон дубора интихоб гардид. Он интихобот низ таҳти муроқибати САҲА/ДИДҲБ қарор гирифт ва хулосаи зеринро матраҳ намуд: «Интихоботи президенти кишвар мувофиқи амалкардҳои интихоботи демократӣ, ки дар Санади Копенҳаген аз с. 1990 пешбинӣ шудааст, баргузор нагардидааст, аз сабаби он ки интихоби воқеъӣ ва гуногунандешии аён вуҷуд надоштанд. Дар ин интихобот норасоӣ ва камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доштанд».[3] Дар қиёс бо ҳукумати

1 Гузориши ниҳоии САҲА/ДИДҲБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи парлумонии 27 феврал ва 13 марти соли 2005: http://www.osce.org/documents/odihr/2005/05/14852_en.pdf

2 Гарчанде ки ин масъала дар сарқонун ба таври амиқ мушаххас нашудааст, аммо тибқи тафсири бартаридоштаи он тағйиру иловаҳо президенти кунунӣ дар ҳоли ҳозир мӯҳлати аввалинашро (пас аз ислоҳоти сарқонун) адо менамояд ва ба ин тартиб ӯ метавонад дигарбора дар интихоботи соли 2013 номзадии худро пешкаш намояд.

3 Гузориши ниҳоии САҲА/ДИДҲБ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, интихоботи президент 6 ноябри соли 2006: http://www.osce.org/documents/odihr/2007/04/24067_en.pdf

иҷроия, парлумон воқеъан ваколатҳои маҳдудро дар ихтиёр дорад ва майл ба он дорад, ки аз ваколатҳои мутобиқи сарқонун ба вай додашуда ба таври қатъӣ истифода набарад.[4]

15 апрели соли 2009, дар паёми солонаи худ ба парлумони кишвар, президент Эмомалӣ Раҳмон рӯирост ба баргузор намудани интихоботи соли 2010 аз рӯйи шаффофият ва дар мутобиқат бо қонуни кишвар даъват намуд. Чунин даъвати президент ҳамчунон дар маҷлиси ҳукумат 29-30 январи соли 2010 такроран баён гардид.

Тоҷикистон дорои системаи бисёрҳизбӣ мебошад. Дар ҷумҳурӣ ҳашт ҳизби сиёсии бақайдгирифташуда фаъолият доранд. Пас аз интихоботи соли 2005 ба парлумон вакилон аз се ҳизб роҳ ёфтанд: аз Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон (ҲХДТ), ки расман аз ҷониби президенти кишвар сарварӣ мешавад, 52 вакил интихоб гардид; аз Ҳизби коммунистии Тоҷикистон (ҲКТ) 4 вакил; ва аз Ҳизби наҳзати Исломи Тоҷикистон (ҲНИТ) 2 вакил интихоб гардид. Боқимонда 5 ҷойро дар парлумон вакилони мустақил ишғол намуданд. Ҳизби хукмрон (яъне ҲХДТ) на танҳо дар арсаи сиёсат мансабдорони худро таъйин намудаст, балки дар мансабҳои маъмурӣ дар сатҳҳои марказӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ низ намояндагони ин ҳизб таъйин шудаанд.

ҲКТ одатан шарики вафодори ҲХДТ ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, чанде пеш ҳизби коммунист аз сиёсати давлат интиқод кардааст. ҲНИТ бештар бо таҳким намудани нақши Ислом дар ҳаёти ҷамъиятӣ машғул буда, худро чун ҳизби исломии муосир дар чаҳорчӯби давлати дунявӣ муаррифӣ менамояд. Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон (ҲСТ), Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон (ҲСДТ) ва Ҳизби демократии Тоҷикистон (ҲДТ) дар интихоботи сипаришуда ба парлумон роҳ наёфтанд. ҲСТ худро ҳамчун «мухолифи созанда» муаррифӣ менамояд, ҳангоме ки ҲСДТ ҳукуматро зери интиқодоти шадид қарор медиҳад. Дар соли 2005 ду ҳизби нав ба қайд гирифта шуданд: Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон (ҲИИТ) ва Ҳизби аграрии Тоҷикистон (ҲАТ). Ҳардуи ин ҳизбҳо бевосита ҳукуматро дастгирӣ менамоянд, гарчанде ки ба амалигардонии тағйирот дар баъзе паҳлӯҳои сиёсати кишоварзию иқтисодӣ ҷаҳду талош меварзанд.

## IV. СИСТЕМАИ ИНТИХОБОТ ВА ЧАҲОРЧӮБИ ҚОНУН

Парлумони кишвар (Маҷлиси Олӣ) аз ду маҷлис (палата) иборат аст. Дар палатаи пойини парлумон, яъне Маҷлиси намояндагон, 63 вакил фаъолият мекунанд, ки ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешаванд.[5] Аз ин шумора 22 нафар таҳти системаи мутаносиби рӯйхати пӯшида дар ҳудуди ҳавзаи интихоботии ягона бо 5% хати маш барои ишғоли ҷой дар парлумон интихоб шудаанд. Боқимонда 41 нафар дар ҳавзаҳои интихоботии якмандата таҳти системаи мажоритарӣ интихоб гардиданд. Дар ин мусобиқот, агар ҳеҷ кадом номзад дар давраи аввал аз 50% зиёд овоз нагирад, ду номзади пешсаф дар давоми ду ҳафта дар давраи дуввум рақобат мекунанд. Лозим аст, ки дар ҳар як ҳавзаи интихоботӣ аққалан

---

4 Гарчанде ки пешниҳодот ва таъйиноти мансабҳо аз ҷониби президентро бояд парлумон ба тасвиб расонад (моддаҳои 55, 56, 57, 69, 98, 99), аз замони интихоботи парлумонии соли 2000 то ин дам ягон мавриди аз ҷониби парлумон рад кардани ягон ибтикори президент мушоҳида нашудааст.

5 Палатаи болоӣ, яъне Маҷлиси Миллӣ аз 34 вакил иборат аст. Вакилони ин маҷлис қисман ба таври ғайримустақим интихоб мешаванд ва қисман аз ҷониби Президент таъйин мегарданд. Барои президентони собиқ ҷой дар ин маҷлис таъмин карда шудааст.

50% овоздиҳандагони бақайдгирифташуда овоз диҳанд. Дар ҳолати ғайр, бояд интихобот такроран баргузор гардад.

Интихоботи парлумонӣ асосан аз рӯйи Сарқонуни с. 1994 ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олӣ (қонун «Дар бораи интихобот») танзим карда мешавад.[6] Волоияти қонун, ҳуқуқ ва озодиҳои бунёдии шаҳрвандию сиёсӣ, ки барои баргузории интихоботи демократӣ заруранд, аз ҷумла баробарии ҳуқуқ, озодии иштироки сиёсӣ, озодии таҷаммӯъ, озодии иттиҳодияҳо, озодии баён, баробарӣ назди қонун ва ҳимояи судӣ аз ҷониби судҳои мустақил ва беғараз, дар сарқонун пешбинӣ шудаанд.[7] Бо вуҷуди ин, қонунгузорӣ, аз ҷумла муқаррароти мушаххаси қонун дар бораи интихобот, кодекси ҷиноӣ ва як қатор қонунҳои ҷадид ва тағйирдодашуда вуҷуд доранд, ки ба фаъолияти ВАО, ҷомеаи маданӣ ва созмонҳои динӣ таъсири манфӣ расонида, озодиҳои шаҳравандӣ ва сиёсиро маҳдуд месозанд.[8]

Қабл аз охирин интихоботи парлумонӣ, аз соли 2004 ин ҷониб ба қонун дар бораи интихобот тағйиру иловаҳои назаррас доварда нашудаанд.[9] Арзёбии тағйиру иловаҳои соли 2004 даровардашуда, ки аз ҷониби САҲА/ДИДҲБ гузаронида шуд, нишон медиҳад, ки қонун дар бораи интихобот ба такмилдиҳии минбаъда ниёз дорад, то бо ӯҳдадориҳои САҲА мувофиқат кунад.[10] Бинобар ин, қонун дар бораи интихобот то ба ҳол камбудиҳои ҷиддиро дарбар мегирад: масалан, набудани кафолатҳо барои ташкил додани ҳайати комиссияҳои интихоботӣ аз аъзои гуногунандеш ва гуногунҳизб (хусусан, дар комиссияҳои сатҳи пойин); талаботи ниҳоят вазнин барои номзад шудан ба вакили парлумон; маҳдудиятҳои зиёд нисбат ба озодии баён; ташрифоти нокифоя дар иртибот ба иройяи арзу шикоятҳо; ва муқаррароти норӯшан дар ҷиҳатҳои умдаи раванди интихобот, аз ҷумла дар бақайдгирии овоздиҳандагон, баргузории маъракаи интихоботӣ ва ташрифоти овоздиҳӣ, ҳисобкунии овозҳо ва ҷадвалбандӣ, ки дар баробари сӯиистифода ҳимояи кофиро таъмин наменамоянд.

Тавсияҳое, ки дар Гузориши ниҳоии САҲА/ДИДҲБ аз с. 2005 дар мавриди интихоботи парлумонӣ ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои қонун дар бораи интихобот матраҳ

---

6 Қонунҳои дигар низ интихоботи парлумониро танзим мекунанд, аз ҷумла қонун «Дар бораи аҳзоби сиёсӣ» (1998), қонун «Дар бораи баробарии гендерӣ» (2005), қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (1998), Кодекси қонунвайронкуниҳои маъмурӣ (2008), Кодекси ҷиноятӣ (1998), Кодекси гражданӣ-мурофиавӣ (2008), Қонун «Дар бораи шикоятҳои шаҳрвандон ба ниҳодҳои давлатӣ (1996) ва қонунҳои марбут ба васоити ахбори омма.

7 Соли 2005 Кумитаи СММ оиди ҳуқуқи башар гузориш таҳия намуд, ки роҷеъ ба Тоҷикистон дар он баён гардидааст, ки системаи судӣ дар ин кишвар мустақил нест. Бахусус, раванди таъйин ва сабукдӯшкунии судяҳо ва маоши пасти онҳо тавсиф шудааст.

8 Масалан, Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (с. 2007, охирин бор с.2008 ба ин қонун тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд) ва Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва созмонҳои динӣ» (с.2009) таъсис ва ба фаъолият шурӯъ кардани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои диниро маҳдуд месозанд. Тағйиру иловаҳое, ки с. 2007 ба Кодекси ҷиноӣ дароварда шуданд, муқаррароти марбут ба тӯҳмат ва паст задании шаъну эътибори шахсиятро тақвият бахшиданд. Хусусан, ин муқаррарот нашрияҳои интернетиро низ дарбар гирифтанд.

9 Аз соли 2004 ин ҷониб, танҳо дар с.2007 тағйиру иловаҳо дароварда шуданд, ки мутобиқи онҳо кормандони Агентии назорат бар маводи мухадир ҳақ надоранд номзадии худро дар интихоботи парлумонӣ пешкаш намоянд, ва дар с. 2008 истилоҳи «маоши ҳадди ақал» ба «андозаи муҳосиба» иваз карда шуд, ки он дар ҳоли ҳозир барои ҳисоб кардани ҳаҷми маблағи пулӣ истифода бурда мешавад (масалан, барои ҳисоб кардани ҳаққи бақайдгирии номзад).

10 Арзёбии САҲА/ДИДҲБ дар мавриди лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонун «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», саҳ.2. 17 сентябри соли 2003.

гардидаанд, сарфи назар монданд.[11] Илова бар ин, норавшаниҳо ва камбудиҳое, ки дар қонун дар бораи интихобот ҷой доранд, аз ҷониби КМИР бартараф нагардидаанд. Бояд гуфт, ки дар остонаи интихобот КМИР метавонист дастурҳои муфассал содир намояд, то ташрифоти зарурӣ равшан гарданд, бахусус ташрифот дар робита ба рӯзи интихобот. Сарфи назар аз нуқсонҳои дар қонуни интихобот ҷойдошта, он метавонист заминаеро барои баргузории интихоботи демократӣ фароҳам орад, агар он ба таври шаффоф ва ғайримуғризона иҷро мешуд ва агар ба он дастурҳои муфассал изофа мешуданд.

Дар давоми соли 2008, барои ислоҳи қонун дар бораи интихобот ҷаҳду талоши зиёд карда шуд. Як қатор ҷаласаҳои гурӯҳи корӣ бо иштироки намояндагон аз тамоми аҳзоби сиёсии бақайдгирифташуда, КМИР, парлумон, дастгоҳи иҷроияи президент ва Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд. Иттиҳодияи миллии сиёсатшиносони Тоҷикистон (ИМСТ) чун узви овознадиҳандаи гурӯҳи корӣ иштирок намуд. Пас аз он, ки як қатор тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда аз ҷониби тамоми доираҳои алоқаманд мавриди музокира қарор гирифта ва ҳамоҳанг карда шуданд, ҲХДТ ба пешниҳодот имзо нагузошт. Ин пешниҳодот, агар қонунӣ мегардид, метавонист қонун дар бораи интихобот-ро тадриҷан мукаммал гардонад.[12] Дар моҳи феврали соли 2009, ҲКТ аксарияти пешниҳодоти гурӯҳи кориро ба парлумон расман муаррифӣ намуд. Пешниҳодотро кумитаҳои парлумонии марбута баррасӣ намуда, вале қабул накарданд.[13] Бинобар ин, ин пешниҳодот дар парлумон ҳатто ба таври расмӣ хонда нашуд.

Яке аз гомҳо ба сӯйи беҳбуд бахшидан ба чаҳорчӯби қонуни интихобот он буд, ки дар соли 2008 Кодекси нави қонунвайронкуниҳои маъмурӣ қабул карда шуд. Кодекси мазкур 28 намуди қонунвайронкунӣ дар робита ба интихоботро дарбар мегирад, ки барои содир намудани онҳо ҷаримаи молӣ аз рӯйи қарори суд пешбинӣ шудааст.[14] Ин намуди қонунвайронкуниҳо бори аввал дар интихоботи соли 2010 мустаҳақ ба ҷарима гардиданд.

---

[11] http://www.osce.org/documents/odihr/2005/05/14852_en.pdf

[12] Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда талаботи зеринро дарбар мегиранд: пойин фаровардани хатти маш барои намояндагии сиёсӣ дар парлумон, намояндагии баробари аҳзоби сиёсӣ дар комиссияҳои интихоботӣ, манъ кардани фаъолияти мансабдорони ҳукуматӣ дар комиссияҳои интихоботӣ, иҷозат додан ба фаъолияти нозирони дохилии ғайриҳизбӣ, аз байн бардоштани гаравпулии интихоботӣ, тағйир додани аломати овоздиҳӣ (аз аломати манфӣ ба аломати мусбат), додани ҳақ барои нозирон ҷиҳати гирифтани нусхаи протоколи натиҷаҳо, ҳақ барои гирифтани қарорҳо оиди шикоятҳо дар шакли хаттӣ дар давоми 24 соат пас аз судури онҳо, дароз намудани вақти ройгон барои баромад кардан дар телевизион/радио.

[13] Чи тавре ки намояндагони Вазорати адлия ба МНИ САҲА/ДИДҲБ хабар доданд, онҳо тавсия доданд, то парлумон пешниҳодотро рад кунад, аз сабаби он ки ба назари онҳо пешниҳодоти мазкур бо кафолат таъмин нест.

[14] Моддаҳои 57-84, Кодекси қонунвайронкуниҳои маъмурӣ: қонунвайронкуниҳо умуман иртибот доранд ба: нақзи ҳуқуқи овоздиҳандагон; раисони комиссияҳои интихоботӣ, нозирон, номзадҳо, ашхоси бовариноки онҳо, журналистон; ришвадиҳӣ ба овоздиҳандагон; мудохила ба фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ ва ё аз тарафи аъзои комиссияҳо иҷро накардани вазифаҳояшон; вайронкунии қоидаҳои баргузории маъракаҳои интихоботӣ ва маҳдудиятҳои молиявӣ; иштибоҳот дар овоздиҳӣ ва ҳисобкунии овозҳо.

# V. ИДОРАКУНИИ РАВАНДИ ИНТИХОБОТ

## A. ТАШКИЛЁБӢ ВА ҲАЙАТИ КОМИССИЯҲОИ ИНТИХОБОТӢ

Идоракунии раванди интихоботи парлумонӣ ба дӯши комиссияҳои интихоботӣ вогузор шудааст. Комиссияҳои интихоботӣ дар се сатҳ амал мекунанд, яъне Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ (КМИР),[15] 41 комиссияи ҳавзавии интихобот (КҲИ) ва 3102 комиссияи участкавии интихобот (КУИ), аз ҷумла 35 участкаҳои овоздиҳӣ дар 22 кишвари хориҷа барои шаҳрвандоне, ки дар он ҷо истиқомат мекунанд.

Дар миёни комиссияҳои интихоботӣ, танҳо КМИР ниҳоди доимӣ буда, аз 15 узв иборат аст, ки аз ҷониби парлумон бо пешниҳоди президент ба мӯҳлати панҷ сол таъйин мешаванд. Дар таърихи 16 декабри соли 2009, аъзои кунунии КМИР таъйин гардиданд. Таъйини аъзои КМИР пас аз он, ки ҳашт ҳизби сиёсӣ барои пешбарии онҳо даъват шуданд, сурат гирифт. Танҳо ҲСДТ дар КМИР намояндаҳои худро надорад. Ҳизби мазкур изҳор намуд, ки президент таъйини намояндаи онро дастгирӣ накардааст.

Тибқи қонун дар бораи интихобот, комиссияҳои сатҳи пойин барои ҳар як интихобот таъйин мешаванд. То 30 декабри соли 2009 аз ҷониби КМИР комиссияҳои ҳавзавии интихобот, ки дар ҳар яки он ҳадди аққал нӯҳ узв дохил мешуданд, таъсис дода шуданд. То 14 январи соли 2010 аз ҷониби комиссияҳои ҳавзавии интихобот 3067 комиссияи участкавии интихобот ташкил карда шуданд, ки дар ҳар яки онҳо аз 5 то 19 узв дохил мешуданд. Ғайр аз ин, бо пешниҳоди Вазорати корҳои хориҷа, КМИР 35 участкаи интихоботиро дар хориҷ аз кишвар ташкил намуд.[16] Дар қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки пешниҳодоти аҳзоби сиёсӣ дар мавриди ташкили ҳайати комиссияҳои ҳавзавии интихобот бояд баррасӣ шаванд. Бо вуҷуди ин, дар робита ба ташкили ҳайати комиссияҳои участкавии интихобот чунин муқаррароти қонун пешбинӣ нашудааст. Дар айни замон, қонун аз шомил будани аъзои ягон ҳизби сиёсиро ба КУИ манъ намекунад. Дар воқеъият, баъзе КҲИ-ҳо намояндагони аҳзоби сиёсиро ба ҳайати КУИ-ҳо дохил намуданд, баъзеи дигар ин амалро анҷом надодаанд.

Сарфи назар аз талаботи қонун дар бораи интихобот дар робита ба он, ки комиссияҳои интихоботӣ бояд аз ҳар гуна ниҳодҳои давлатӣ мустақил бошанд, МНИ САҲА/ДИДҲБ мушоҳида намуданд, ки мансабдорони аршади ҳукуматҳои вилоятию ноҳиявӣ ғолибан ба ҳайати комиссияҳои интихоботӣ дохил мешуданд, хусусан дар ҳайати КУИ-ҳо. Ҳузури мансабдорони аршади маҳаллӣ чун аъзои КҲИ, дар тавъам бо бартарияти раисҳо ва аъзои КҲИ, ки намояндагони ҲХДТ ҳастанд, мустақил ва бетараф будани комиссияҳои интихоботиро зери шубҳа мегузорад.[17] Ҳамчунин, КУИ-ҳо дар навбати аввал аз мансабдорони маҳаллӣ ва аъзои ҲХДТ иборат буданд. Чи тавре ки нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ гузориш доданд, шумораи зиёди КУИ-ҳо аз аъзоёне иборат буданд, ки дар як ташкилот (масалан, мактаби миёна) кор мекарданд ва раиси он ташкилот маъмулан

[15] Раиси КМИР ва муовинаш муҷаддадан интихоб шуданд.

[16] Тибқи Моддаи 22 Қонун «Дар бораи интихобот», участкаҳои интихоботӣ дар хориҷ аз кишвар дар як вақт бо участкаҳои интихоботӣ дар дохили кишвар ташкил мешаванд. Дар ҳолатҳои истисноӣ, участкаҳои интихоботӣ дар хориҷ аз кишвар на дертар аз 10 рӯз пеш аз интихобот ташкил мешаванд.

[17] Дар КҲИ-ҳои №5, 6, 10, 16, 20, 21, 25, 26, 29, 30, 31 ва 33. Моддаи 18(1) қонун дар бораи интихобот талаб мекунад, ки «ҳангоми иҷрои ваколати худ, узви комиссияи интихоботӣ бояд бетараф ва беғараз бошад».

раиси КУИ таъйин мешуд. Чунин амалкард муносиботи вуҷуддоштаи иерархиро ба кори комиссияҳои интихоботи таҳвил медиҳад, ки мустақилияти аъзои комиссияҳоро коҳиш хоҳад дод.[18]

## Б. ШАФФОФИЯТ ДАР ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ИНТИХОБОТӢ

Ҳарчанд ки интихобот мувофиқи ташрифоти қонунӣ идора шуд, аммо КМИР ва КУИ-ҳо ҳангоми иҷрои вазифаҳояшон аз шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дур буданд. Масалан, КМИР дар ҷаласаҳои кушод кор накардааст, чуноне ки ин шартро қонун дар бораи интихобот талаб мекунад.[19] КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ додааст, ки ҷаласаи охиринро дар таърихи 19 январ баргузор намудааст ва барои гузаронидани ҷаласаҳои минбаъда қабл аз рӯзи интихобот ҳоҷат нест. Бо вуҷуди ин, маҷлисҳои иловагии ғайрирасмии КМИР баргузор гаштанд. Аммо, МНИ САҲА/ДИДҲБ-ро дар бораи ин маҷлисҳо иттилоъ надоданд, ҳарчанд ки ҳар рӯз дархости иттилоъ карда мешуд.

КМИР панҷ узви худро чун ҳамоҳангсозони минтақавӣ берун аз Душанбе эъзом намуд. Ин иқдом шаффофияти кор ва ҳамбастагии КМИР-ро бештар коҳиш медод. Нагузаронидани ҷаласаҳо қабл аз рӯзи интихобот суолеро ба миён овард, ки чи гуна КМИР метавонад қарорҳо қабул кунад, ки бо қонун дар бораи интихобот мувофиқат кунанд. Дар қабули қарорҳо бояд ҳадди ақкал аз ду се ҳиссаи аъзоён иштирок кунанд ва қарорҳои қабулшударо аз нисф зиёди ҳузурдоштагон дастгирӣ кунанд.

Дар таърихи 25 феврал, КМИР бо тамоми 41 КҲИ конференсияи телефонӣ баргузор намуд. Дар давоми конференсия, раиси КМИР изҳороти расмӣ хонд ва ба КҲИ-ҳо дастурҳои умумӣ дод. Пасон, сардори маъмурияти КМИР дар конференсияи телефонӣ миёнравӣ намуда, ба саволҳои раисони КҲИ посух дод. Ҳамаи аъзои КМИР ҳузур доштанд, вале фаъолона иштирок накарданд. Танҳо як узви КМИР якчанд саволҳоро ба миён гузошт ва аз номи ҳизби худ нигарониҳое изҳор намуд. Дар таърихи 26 феврал, КМИР роҳбарони ҳамаи ҳизбҳои сиёсиро даъват намуда, масоили марбут ба корҳои тадорукотӣ барои баргузории интихоботро барои муҳокима дар миён гузошт. Бояд гуфт, ки то ин дам корҳои тадорукотӣ танҳо аз ҷониби КМИР анҷом мешуданд. Ҳарчанд ки чунин ибтикор қобили таҳсин аст, аммо он танҳо дар арафаи интихобот ба иттифоқ афтод ва аз ин сабаб наметавонист натиҷаҳои лозимиро ба бор оварад, ба гузаштани раванди интихобот дар рӯзи таъйиншуда беҳбуд бахшад ва шаффофияти кори идораи интихоботро афзоиш диҳад.

МНИ САҲА/ДИДҲБ бо намояндагони КМИР мунтазам вохӯрӣ мекард. Аммо, боиси таассуф аст, ки мутасаддии тамос байни КМИР ва МНИ САҲА/ДИДҲБ на ҳамеша ба дархостҳо барои вохӯриҳо ва иттилоот посухгӯй буд.

КМИР ҳатто сомонаи интернетӣ надорад. Яке аз аъзои он раиси Иттиҳодияи рӯзноманигорони Тоҷикистон мебошад ва бинобар ин КМИР бо истифодабарӣ аз сомонаи интернетии Иттиҳодияи рӯзноманигорон дар давоми интихоботи парлумонии с.2010 қарорҳои қабулкардаи худро интишор мекард.

---

18 Гузориши нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ КҲИ-ҳои 1, 2, 5, 6, 7, 9, 11, 12, 13, 16, 17, 18, 19, 20, 26, 27, 28, 32, 34, 35, 37, 38 ва 39-ро дарбар гирифтанд.

19 Дар моддаи 19 қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки «ҳамаи ҷаласаҳои комиссияҳои интихоботӣ ба таври кушод баргузор мешаванд ва ба ҷомеа ва ВАО дастрас мебошанд».

## B. ВАЗИФАҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯҲОИ ИНТИХОБОТӢ

Шабеҳи КМИР, КҲИ-ҳо низ қабл аз рӯзи интихобот ҷаласаҳои кушод баргузор нанамудаанд. Бинобар ин, қонунӣ будани қарорҳои қабулкардаи онҳо шубҳаангез аст. КМИР барои аъзои КҲИ-ҳо бахши таълимӣ гузаронид. КҲИ-ҳо низ дар навбати худ ба аъзои КУИ-ҳо бахши таълимӣ гузарониданд. Бо вуҷуди ин, бо сифати паст ва нодуруст иҷро кардани ойинҳо дар рӯзи интихобот (аз рӯйи мушоҳидаи нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ) аз он шаҳодат медиҳад, ки бахшҳои таълимӣ аз лиҳози ҳаҷм ва сифат ғайри қобили қабул буданд. Масалан, аъзои КУИ-ҳо дар таҳияи протоколҳо дар мавриди натоиҷи овозҳо бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуданд.

Қабл аз интихобот, КМИР якчанд қарорҳо қабул кард, аз ҷумла дар мавриди ташкили ҳавзаи интихоботӣ, дастрасии номзадҳо ба ВАО ва меъёр барои муайян кардани гаравпулии интихоботӣ. Азбаски қонун дар бораи интихобот ойинҳои ба таври равшан муайяншуда дар робита ба овоздиҳии бармаҳал, овоздиҳӣ тавассути телефони мобилӣ, овоздиҳӣ дар хориҷ аз кишвар, овоздиҳии низомиён ва инчунин ойинҳои дар мавриди ҳисобкунӣ ва ҷадвалбандии овозҳоро дарбар намегирад, КМИР бояд дар мавриди чунин масоил ба КҲИ-ҳо ва КУИ-ҳо дастурҳои мушаххас таҳия менамуд. Ба ҷои ин, КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки ба назари он қонун дар бораи интихобот комилан возеҳ ва муфассалгардида маҳсуб меёбад.

Боз як масъалаи нигароникунанда – ҳавзаҳои якмандатӣ мебошад, ки ташкили онҳо вазифаи КМИР мебошад. 41 ҳавзаи якмандатӣ аз лиҳози ҳаҷм аз ҳамдигар хеле фарқ мекарданд. Масалан, дар КҲИ №40 (Ванҷ) 50154 овоздиҳанда ба қайд гирифта шуда буданд, ҳангоме ки дар КҲИ №10 (Ваҳдат) 116216 овоздиҳанда ба қайд гирифта шуданд. Чунин воқеъият баробарии овозро зери суол гузошта, бар ихтилофи қонун дар бораи интихобот мебошад. Тибқи қонуни мазкур, танҳо 15 дарсад фарқият миёни ҳавзаҳои интихоботӣ қобили қабул аст (20 дарсад дар минтақаҳои дурдаст).

Интихоботи парлумонӣ ва маҷлиси маҳаллӣ дар як рӯз гузаронида шуданд, ки ин падида ташкил ва назорати КУИ-ҳоро зери суол мегузорад. Аз ин лиҳоз, мушоҳида мешавад, ки байни қонун дар бораи интихоботи парлумон ва қонун «Дар бораи интихоботи вакилони халқӣ ба маҷлиси маҳаллӣ» ҳамоҳангӣ вуҷуд надорад.

Дар қонунҳои мазкур пешбинӣ шудааст, ки КҲИ-ҳо бояд таъсис дода шаванд, то ки онҳо комиссияҳои участкавии интихоботро ташкил намуда, аз болои фаъолияти онҳо назорат баранд. Дар амал бошад барои интихоботи парлумонӣ ва интихоботи маҷлиси маҳаллӣ КҲИ-ҳои алоҳида таъсис дода шуда буданд. Аммо, ҳамон КУИ-ҳо вазифадор карда шуданд, то овоздиҳиро дар интихоботи сатҳи марказӣ/вилоятӣ/ноҳиявӣ ташкил намоянд. Чи тавре ки нозирони САҲА/ДИДҲБ қайд карданд, дар ҳавзаҳои интихоботӣ амалкардҳои ғайри қобили қабул ҷой доштанд. Ин падида бештар иртибот дорад бо иройяи протоколҳои КУИ-ҳо дар мавриди натоиҷи овозҳо.

Дар ҳамоҳангӣ бо КМИР, Бунёди байналмиллалӣ оид ба системаҳои интихобот (IFES) як пружае дар мавриди баланд бардоштани сатҳи маърифати овоздиҳандагонро роҳандозӣ намуд. Дар чаҳорчӯби ин пружа, шаш таблиғи телевизионӣ таҳия шуд, ки ҳар рӯз тавассути шабакаҳои телевизионии давлатӣ пахш мегардиданд. Инчунин, аз ҷониби

Созмони сиёсатшиносони Тоҷикистон пружаи баландбардории сатҳи маърифати овоздиҳандагон роҳандозӣ гардид, ки ин пружа 65 шаҳр ва 1300 нафарро дарбар гирифт.

## VI. БАҚАЙДГИРИИ ОВОЗДИҲАНДАГОН. РӮЙХАТҲОИ ОВОЗДИҲАНДАГОН

Дар Тоҷикистон системаи марказии сабти овоздиҳандагон вуҷуд надорад. Мутобиқи қонун дар бораи интихобот, КУИ-ҳо барои ҳар як интихобот рӯйхатҳои овоздиҳандагонро дар сатҳи маҳаллӣ омода месозанд. Онҳо рӯйхатҳои овоздиҳандагонро дар асоси иттилооти аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллӣ тақдимшуда тартиб медиҳанд. Бояд гуфт, ки кормандони мақомоти маҳаллӣ дар ба дар гашта иттилооти заруриро ҷамъоварӣ менамоянд. Шаҳрвандоне, ки дар рӯзи интихобот синнашон ҳадди аққал ба 18 расидааст ва дар он маҳалле, ки участкаи интихоботӣ ҷойгир аст, ба таври доимӣ ё муваққатӣ истиқомат мекунанд, ҳақ доранд дар рӯйхат сабт шаванд.

Рӯйхатҳои овоздиҳандаҳо бояд то 13 январи с.2010 аз ҷониби КУИ-ҳо омода мешуданд ва баъдан дар участкаҳои интихоботӣ барои аз назар гузаронидани мардум ба намоиш гузошта мешуданд. Аммо, дар аксарияти КУИ-ҳо рӯйхатҳои овоздиҳандагон танҳо дар дохили дафтари КУИ дастрас буд ва танҳо дар соатҳои корӣ. Аз ин лиҳоз, овоздиҳандагон барои бозрасии рӯйхатҳо имконоти маҳдуд доштанд. Аз ҷониби МНИ САҲА/ДИДҲБ ҳодисаҳои дер омода шудан ва ба намоиш гузоштани рӯйхатҳо мушоҳида шудааст.[20]

Дар рӯзи интихобот овоздиҳандагонро дар рӯйхати иловагӣ дар ҳар кадом участкаи интихоботӣ дохил кардан мумкин буд, ба шарте ки онҳо гувоҳиномаи шахсии худро нишон медоданд.[21] Ин масъала боиси нигаронист, чунки эҳтимоли сӯиистифода аз ваколатро ба миён меорад. Мавҷуд набудани базаи иттилооти мутамаркиз маънои онро дошт, ки бозрасиҳои чандҷониба дар сатҳи миллӣ ва барҳам додани воридкунию ислоҳкунии чандкарата имконпазир набуд.

КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки то мӯҳлати муайяншуда дар рӯйхатҳо 3459164 овоздиҳанда сабт шудаанд. Дар таърихи 5 март, КМИР иловатан иттилоъ додааст, ки барои интихобот дар маҷмӯъ 3641778 овоздиҳанда ба қайд гирифта шудааст. МНИ САҲА/ДИДҲБ кӯшиш намуд, то аз КМИР сабаби чунин афзоиши якбораи шумораи овоздиҳандагонро пурсон шавад, вале ҳеч гуна тавзеҳотро аз он дастрас карда натавонист.

## VII. САБТИ НОМЗАДҲО

### A. МЕЪЁРҲО ВА ТАЛАБОТҲО БАРОИ САБТИ НОМЗАДҲО

Барои вакили парлумон шудан, номзадҳо бояд ҳадди аққал 25-сола, соҳиби ҳаққи овоздиҳӣ, соҳиби маълумоти олӣ, шаҳрванди Тоҷикистон ва дар панҷ соли охир муқими ин кишвар бошанд. Ба номзадӣ пешбарӣ шудани ашхосе, ки таҳти бозҷӯйӣ қарор доранд, аз тарафи қонун манъ карда шудааст. Чунин мамнӯъият барои ашхоси таҳти бозҷӯйӣ қарордошта ихтилофи муқаррарот дар мавриди ҳадси бегуноҳӣ, ки дар сарқонун ва

[20] КУИ-ҳои №3, 5 ва 41.

[21] Масалан, дар баъзе КУИ-ҳо шумораи зиёди овоздиҳандагон ба рӯйхати иловагӣ дохил карда шуд (дар КҲИ №3 / КУИ №5 92 нафар ба рӯйхати иловагӣ дохил карда шуд).

таахудоти САҲА пешбинӣ шудааст[22], мебошад. На танҳо афроди барои «ҷиноятҳои вазнин маҳкумшуда, балки ҳар нафаре бо маҳкумият барои ҳаргуна ҷиноят, ки то ин дам бардошта нашудааст, ҳақ надорад номзадии хешро пешбарӣ намояд.[23] Ғайр аз ин, миёни ҷинояти содиршуда ва муҷозот таносуб мавҷуд нест, яъне дар ин ҷо итлофи ҳуқуқи сиёсӣ мушоҳида мешавад. Аз ин рӯ, афроде бо маҳкумият барои ҷиноёти сабук низ наметавонанд номзадии хешро пешбарӣ кунанд, ҳатто агар онҳо пурра мӯҳлати муҷозоти хешро адо карда бошанд, чунки ҳукми додгоҳ аз байн бардошта намешавад. Чунин муқаррароти қонун, аз рӯйи тавсияҳои САҲА/ДИДҲБ, мебоист дар замони интихоботи қаблӣ аз байн бардошта мешуд.

Қонун дар бораи интихобот инчунин иҷозат намедиҳад, ки низомиён, афсарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ходимони динӣ номзадии хешро пешбарӣ кунанд. Ба унвони мисол, дар КҲИ №13 (Хуҷанд) ба ҳайси номзад сабт кардани як ходими динро рад карданд, аз сабаби он ки ӯ мақоми расмии имом-хатиби масҷидро дошт. Ҳарчанд ки ӯ қабл аз мӯҳлати бақайдгирӣ аз мақомаш даст кашид ва дар бораи ин ба КҲИ хабар дод, номзадии ӯро ба қайд нагирифтанд. Даъвои баъдинаи ӯро КМИР рад кард. Чунин амалкард хилофи банди 7.5 Санади Копенҳаген мебошад. Банди мазкур кишварҳоро мулзам мекунад, ки «ҳаққи шаҳрвандонро ҷиҳати расидан ба қудрати сиёсӣ ё давлатӣ, мустақилона ё ҳамчун намояндаи ҳизб ё созмони сиёсӣ, бидуни табъиз, риоя кунанд».

Номзади худпешбаранда бояд 500 имзои ҷонибдоронашро ҷамъ карда, пешкаш намояд. Ҳамаи номзадҳо бояд ба маблағи 7000 сомонӣ[24] гаравпулӣ супоранд, ки ин маблағ танҳо ба номзадҳо ё ҳизбҳои интихобшуда, ки хатти маши панҷфоизаро гузаштанд, баргардонида мешавад. Гаравпулӣ аз маоши миёна[25] тақрибан 24 баробар зиёдтар аст. Талаботи дигар ба номзадон доштани маълумоти олӣ мебошад, ки ба талоши одамон ҷиҳати расидан ба қудрат халал мерасонад. Ин муқаррарот бо стандартҳои байналмиллалии интихобот мувофиқат намекунад.[26]

## Б. ПЕШБАРӢ ВА САБТКУНИИ НОМЗАДҲО

Тибқи қонун, номзадҳо аз рӯйхати ҳизбӣ метавонанд аз 13 декабр минбаъд пешбарӣ шаванд. Дар ҳавзаҳои якмандата, номзадҳо аз 30 декабр метавонанд аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ё бо тариқи худпешбарӣ номнавис шаванд. Мӯҳлати пешбарии номзадҳо, чи аз рӯйхати ҳизбӣ ва чи тариқи худпешбарӣ, 14 январ таъйин шудааст.

---

22 Тибқи банди 5.19 Санади Копенҳаген аз с.1990, «ҳар як шахс бегуноҳ маҳсуб меёбад, то он даме ки гуноҳи ӯ аз рӯйи қонун исбот карда шавад».

23 Тибқи қонунгузории Тоҷикистон дар мавриди ҷиноятҳои вазнин, барои аз байн бардоштани маҳкумият ҳукми алоҳидаи додгоҳ лозим аст (ҳатто пас аз он, ки маҳкумшуда мӯҳлати муҷозоташро пурра сипарӣ кард), қабл аз он ки шахси маҳкумшуда тавонад аз сари нав аз ҳуқуқи шаҳрвандии хеш ба пурраги баҳрабардорӣ кунад (аз ҷумла, аз ҳаққи пешбарии номзадии худ барои вакил шудан дар парлумон).

24 Маблағи ҳаққи бақайдгирии номзадҳо аз 600 евро дар интихоботи парлумонии соли 2005 ба 1100 евро дар интихоботи соли 2010 афзоиш ёфт.

25 Аз рӯйи иттилооти Кумитаи давлатии омори Тоҷикистон, маоши миёна дар соли 2009 ба 288 сомонӣ (тақрибан 45 евро) баробар буд.

26 Дар Шарҳи умумии №25 Кумитаи СММ оиди ҳуқуқи башар, бандҳои 15 ва 19 оварда шудааст: «амалигардонии муассири ҳақ ва имконияти расидан ба қудрати интихобшаванда интихоби озоди номзадҳоро барои овоздиҳандагон таъмин менамояд. … Шахсоне, ки номзадии худро дар интихобот пешбарӣ мекунанд, набояд ба василаи ҳаргуна талаботи беасос ва табъизомез, ба мисли таҳсилот, ҷои истиқомат, аслу насаб ва ё бо сабаби вобастагии сиёсӣ, рад карда шаванд».

Бақайдгирии номзадҳо аз 14 январ то 8 феврал сурат гирифт. Пас аз он, ки комиссияҳои интихоботӣ боварӣ ҳосил намуданд, ки номзадҳо талаботи заруриро иҷро карданд ва гаравпулиро супурданд, рӯйхатҳои ҳизбӣ аз ҷониби КМИР ва номзадҳои якмандата аз ҷониби КҲИ-ҳо ба қайд гирифта шуданд. 19 январ 73 номзад аз рӯйи 8 рӯйхати ҳизбӣ ба қайд гирифта шуда, ба рақобати интихоботӣ шурӯъ намуданд. Аз рӯйи иттилооти КМИР, якчанд ҳизбҳо натавонистанд, ки барои ҳамаи шахсоне, ки ба номзадӣ пешбарӣ шудаанд, гаравпулӣ пардохт намоянд. Танҳо ҲХДТ тавонистааст, ки ба ҳадди аксар 22 номзадро[27] ба қайд гирад.

КҲИ-ҳо 153 номзади якмандатаро ба қайд гирифтанд. ҲХДТ номзадҳои худро дар ҳамаи ҳавзаҳои интихоботӣ ба қайд гирифтааст, ба истисноి як ҳавзаи якмандата. Дигар ҳизбҳо шумораи ниҳоят ками номзадҳояшонро ба қайд гирифта тавонистанд. Сабаб дар он буд, ки маблағи гаравпулӣ ниҳоят калон буд. Чуноне ки ин ҳизбҳо ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ доданд, дар ҷамъоварии маблағи кофӣ барои пардохт намудани ҳақи сабткунии номзадҳо онҳо ба мушкилиҳо рӯбарӯ шуданд. Дар натиҷа, аз 68 номзади пешбаришуда, ки ба қайд гирифта нашудаанд, 50 нафар ҷавоби рад гирифтанд, аз сабаби он ки ҳаққи бақайдгириро пардохт карда натавонистанд. Бо сабаби ниҳоят калон будани маблағи гаравпулӣ шумораи зиёди одамон номзадии хешро пешбарӣ карда натавонистанд.

Дар давоми маъракаи интихоботӣ ва бахусус дар қисми ниҳоии он 23 нафар номзадии худро бозпас гирифтанд.[28] Шумораи зиёди мавридҳои бозпасгирии номзадӣ суолеро ба миён меорад, ки аз чи сабаб номзадҳо аз тасмими худ гаштанд. МНИ САҲА/ДИДҲБ ҳодисаҳои фишоровариро ба номзадҳо ва намояндагони ваколатдорашон, ки боиси бозпасгирии номзадӣ гардид, ба қайд гирифт, вале худи номзадҳо аз тасдиққунии ин воқеъият худдорӣ намуданд. Як номзад бо сабаби вайрон кардани қонун ва қоидаҳои интихобот аз рӯйхати номзадҳои бақайдгирифташуда хориҷ карда шуд. Ӯ ба як мактабе мебел тӯҳфа намуда, ба ин тариқ овозҳоро харидааст ва инчунин плакатҳои ғайристандартиро (ниг. Боби XIII дар мавриди арзу шикоятҳо) истифода бурд. Умуман, дар 41 ҳавзаҳои якмандата 129 номзад рақобат намуданд, аз ҷумла аз ҲХДТ – 39 номзад, ҲНИТ – 20, ҲКТ – 7, ҲИИТ – 6, ҲАТ – 4, ҲСДТ – 2, номзадҳои худпешбаранда – 51. Аз ҲДТ ва ҲСТ номзадҳои якмандата пешбарӣ нашудаанд. Дар 9 ҳавзаи интихоботӣ танҳо номзадҳои ҲХДТ рақобат кардаанд.

Дар маҷмӯъ, ҳизбҳо ва номзадҳои гуногун ба овоздиҳандагон барномаҳои сиёсии гуногун тақдим менамуданд, ки то кадом андозае мавҷудияти интихобро мушоҳида кардан мумкин буд.

## VIII. МУҲИТИ МАЪРАКАИ ИНТИХОБОТӢ

27 Номзадҳои аз рӯйи рӯйхатҳои ҳизбӣ сабтшуда: ҲХДТ – 22 нафар, ҲНИТ – 20, ҲКТ – 9, ҲСДТ – 7, ҲАТ – 6, ҲИИТ – 4, ҲСТ – 3, ҲДТ – 2.

28 Нафароне, ки номзадии худро бозпас гирифтанд: 17 номзади худпешбаранда, 3 узви ҲИИТ, 1 узви ҲХДТ, 1 узви ҲАТ ва 1 узви ҲКТ.

Умуман, таблиғу ташвиқи маъракаи интихоботӣ камранг ба назар мерасид, ҳарчанд ки он ду ҳафта қабл аз рӯзи интихобот оғоз гардид. Мардум нисбат ба интихобот чандон аҳамияте намедоданд, сарфи назар аз он ки ҳукумат ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ иқдомҳои зиёде ҷиҳати огоҳонии ҷомеа анҷом медоданд.

Номзадҳое, ки аз як ҳавзаи интихоботӣ пешбарӣ мешуданд, дар санаҳои гуногун ба қайд гирифта мешуданд. Чунин амалкард дар 20 КҲИ (аз теъдоди умумии 41 КҲИ) сурат гирифтааст.[29] Он воқеъияте, ки номзадҳо метавонанд дар ҳар кадом вақти дилхоҳ дар давоми 25 рӯзи муддати бақайдгирӣ худро қайд кунанд, шароити нобаробарро ба вуҷуд овард, чунки ба номзадҳо танҳо пас аз бақайдгирӣ иҷозати баргузории маъракаи интихоботӣ дода мешавад.[30] Илова бар ин, тафсири қонун аз ҷониби мудирияти интихобот фарқ дошт. Дар баъзе ҳавзаҳои интихоботии вилоятҳои Хатлон ва Суғд, мудирияти интихобот қонунро чунон тафсир кардаанд, ки гӯиё қонун баргузории маъракаҳои интихоботиро иҷозат намедиҳад, то он даме ки раванди бақайдгирӣ тамом нашавад, яъне то 8 феврал.[31] Истифодабарии нодурусти муқаррарот оиди маъракагузаронӣ ба зарфияти маъракагузаронии номзадҳо таъсири манфӣ гузоштааст, ба хусус ба номзадҳо аз ҳизбҳои мухолиф. Аз ҳизбҳои мухолиф гузоришҳои қобили эътимод дастрас шуд, ки мувофиқи онҳо ҳукуматҳои маҳаллӣ ва ниҳодҳои ҳифзи ҳуқуқ қоидаҳои маъракагузарониро вайрон кардаанд. Баъзе аз чунин ҳодисаҳои қоидавайронкуниро худи МНИ САҲА/ДИДҲБ мушоҳида намудааст. Чунин амалкард ба фароҳам овардани имконияти баробар барои ҳамаи номзадҳо халал ворид намуд.

Маъракаҳои интихоботӣ умдатан баргузории маҷлисҳо бо овоздиҳандагонро дарбар мегирифт. Чунин вохӯриҳоро КҲИ-ҳо ва ё ҳизбҳои сиёсӣ баргузор мекарданд. Албатта, аз ҷониби КҲИ-ҳо ин чорабинӣ бештар ташкил карда мешуд. Дар маҷлисҳои аз ҷониби КҲИ-ҳо ташкилшуда масъулони худи КҲИ раисӣ менамуданд ва номзадҳо дар давоми вақти таъйиншуда[32] платформаи интихоботиро пешкаш мекарданд. Ба истисноии якчанд мавридҳо, МНИ САҲА/ДИДҲБ дар баҳсҳои ин маҷлисҳо иштирок накардааст. Дар давоми ҳафтаи аввали маъракаи интихоботӣ, баъзе ҳизбҳои мухолиф шикоят карданд, ки онҳоро дар бораи баргузории маҷлис бо овоздиҳандагон хабардор нанамудаанд ва ё фақат дар лаҳзаи охирин хабардор намудаанд.[33] Онҳо изҳор намуданд, ки чунин беэътиноӣ ба иштироки фаъолонаи онҳо халал ворид сохтааст. Ҳамчунон, вақте ки КҲИ-ҳо ва ҳукуматҳои маҳаллӣ ба овоздиҳандагон иттилоъ намедоданд, дар маҷлисҳо шумораи ниҳоят ками овоздиҳандагон ҳузур доштанд ва ё тамоман касе намеомад.[34] Ҳарчанд ки номзадҳо ва ҳизбҳо метавонанд бо овоздиҳандагон новобаста аз КҲИ-ҳо вохӯрӣ

---

[29] Санаҳои гуногуни бақайдгирӣ дар КҲИ-ҳои мушаххас умдатан аз санаи пардохти гаравпулӣ вобастагӣ доштанд.

[30] Фарқият байни номзади якум сабтшуда ва номзади охирин сабтшуда 26 рӯзро ташкил додааст.

[31] МНИ САҲА/ДИДҲБ чунин бархӯрдро дар КҲИ №13 (Хуҷанд), КҲИ №16 (Ҷаббор Расулов), КҲИ №23 (Истаравшан), КҲИ №24 (Ғончӣ), КҲИ №25 (Спитамен), КҲИ №30 (Румӣ), КҲИ №31 (Қубодиён) ва КҲИ №33 (Қумсангир) мушоҳида кардааст. КҲИ №21 (Панҷакент) баргузории вохӯриҳо бо овоздиҳандагонро рӯзи 5 феврал оғоз намуд.

[32] Дар маҷлисҳое, ки ҳайати МНИ САҲА/ДИДҲБ ҳузур дошт, барои сухан кардан ба ҳар як номзад 10-30 дақиқа вақт ҷудо карда шуд.

[33] Мутобиқи моддаи 12(6) қонун «Дар бораи интихобот», КМИР мукаллаф аст барои ҳамаи номзадҳо шароити баробари маъракагузарониро муҳайё созад.

[34] Ба МНИ САҲА/ДИДҲБ дар бораи ду ҳодиса дар ин иртибот хабар расид: яке дар Душанбе ва яке дигар дар Истаравшан ба иттифоқ афтод.

гузаронанд,[35] муқарарроти маъракагузарониро мудирияти интихобот ва ҳукуматҳои маҳаллӣ дар сартосари кишвар ба таври худ тафсир медоданд. Дар ду ҳавзаи интихоботӣ танҳо ба баргузории маҷлисҳое иҷозат медоданд, ки аз ҷониби КҲИ ташкил шудааст.[36]

Илова бар вохӯриҳои расмӣ бо овоздиҳандагон, маъракагузаронӣ аз фаъолияти таблиғотии дар-ба-дар, баргузории маҷлисҳои хурди ғайрирасмӣ бо овоздиҳандагон, тавзеъи варақаҳо ва намоиши плакатҳо иборат буд. Умуман, плакатҳои интихоботӣ хеле камтар ба назар мерасиданд дар муқоиса бо дигар плакатҳои таблиғотӣ (масалан, дар муқоиса бо плакатҳое, ки сохтмони НБО-и «Роғун»-ро таблиғ мекарданд).[37]

КМИР андоза ва мӯҳтавои плакатҳои иттилоотиро барои намоиш дар дохили участкаҳои интихоботӣ ва дафтари КҲИ муқаррар намуд.[38] Илова бар ин, баъзе номзадҳо плакатҳои таблиғотии худро интишор намуданд. Истифодабарӣ аз ҳаққи намоиши плакатҳо аз ноҳия ба ноҳия фарқ дошт. Дар баъзе минтақаҳо плакатҳоро дар ҳама ҷой ба намоиш гузоштан мумкин буд, дар баъзе минтақаҳои дигар бошад онҳоро дар биноҳои маъмурӣ гузоштан иҷозат намедоданд. ҲНИТ, ҲСДТ ва ҲДТ ва як номзади мустақил гузориш доданд, ки плакатҳояшонро дар маҳаллаҳои гуногун дар давоми ҳафтаи охирини маъракаи интихобот даррондаанд. Ин воқеъиятро ҳатто худи МНИ САҲА/ДИДҲБ тасдиқ мекунад.

Аз рӯйи мушоҳидаи МНИ САҲА/ДИДҲБ, баъзе плакатҳои ҲХДТ сурати президентро дарбар мегирифтанд ва дар баъзеи дигар плакатҳои ин ҳизб тасвир мешуд, ки президент мардумро ба овоздиҳӣ ба манфиати ҲХДТ даъват мекард. Ҳарчанд ки истифодаи моликият ва васоили давлатӣ бо мақсади баргузории маъракаи интихоботиро қонун манъ кардааст, манъи истифодаи мақоми давлатӣ барои маъракагузаронӣ ба таври возеҳ муқаррар нашудааст. Дар ин иртибот, президент ба сардори МНИ САҲА/ДИДҲБ гуфтааст, ки ӯ дастур додааст, ки шумораи плакатҳо бо акси ӯ коҳиш дода шавад, то ки ба раванди маъракаҳои интихоботӣ таъсири беандоза зиёд гузошта нашавад. Дар баъзе маҳаллоти шаҳри Душанбе МНИ САҲА/ДИДҲБ мушоҳида намуд, ки дастури президент иҷро гардидааст. Дар таърихи 26 феврал, КМИР, мутобиқи қонун дар бораи интихобот дастур дод, ки тамоми маводи таблиғотӣ дар тамоми қаламрави кишвар бояд то соати 00:00 рӯзи шанбеи 27 феврал аз байн бардошта шаванд.[39] Дар амал, аксарияти плакатҳои

---

35 Тибқи қонунгузорӣ дар бораи чорабиниҳои ҷамъиятӣ (Боби II ва III, қонун «Дар бораи ҷаласаҳои ҷамъиятӣ»), қабл аз баргузории чунин маҷлисҳо ба ҳукумати маҳаллӣ огоҳинома ирсол намудан зарур аст.

36 КҲИ №15 (Ӯрунхӯҷаев) ва КҲИ №18 (Мастчоҳ) дар вилояти Суғд.

37 Сарбанд ва нерӯгоҳи барқӣ-обии Роғун дар дарёи Вахш, тақрибан 100 км ба тарафи шарқ аз Душанбе, ҷойгир мебошад. Сохтмони он дар солҳои 1970-ум оғоз гардида буд, вале аз сабаби норасоии маблағ ба итмом нарасид. Пас аз он ки ибтикорот оид ба ҷалби сармояи хориҷӣ бо нокомӣ анҷомид, ҳукумати Тоҷикистон ба ҷамъоварии маблағ аз аҳолӣ мутавассил гардид. Ҳукумат мардуми кишварро ба харидорӣ намудани саҳмияҳо ва инчунин расонидани кӯмаки молӣ барои анҷом додани ин пружаи азим даъват менамуд.

38 Қарори №10-и КМИР аз 21 декабри соли 2009 дар мавриди муқаррар намудани андозаи плакатҳои иттилоотӣ дар формати А3 ва мӯҳтавои он, ки бояд шарҳи ҳол ва сурати номзад ва инчунин платформаи интихоботии ҳизб ё номзадро дарбар гирад. Плакатҳои таблиғотӣ мавриди чунин маҳдудиятҳо қарор надоштанд, аммо аксарияти ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳо плакатҳои иттилоотиашонро ҳамчун плакатҳои таблиғотӣ низ истифода мебурданд.

39 Дар моддаи 39-и қонун «Дар бораи интихобот» пешбинӣ шудааст, ки маъракаи интихоботӣ бояд 24 соат қабл аз интихобот ба поён расад.

иттилоотӣ, ки дар ҳавзаҳои интихоботӣ барои намоиш гузошта шуда буданд, ҳамчунин аз байн бардошта шуданд.[40]

Мавридҳои ба раванди интихобот халал ворид сохтани пулисро МНИ САҲА/ДИДҲБ тасдиқ мекунад: дар Душанбе 4 ҳодисаи мамонияти пулис мушоҳида шуд, дар Кӯлоб – 2 ва дар Ваҳдат – 1. Аз рӯйи ҳодисаҳои зикргардида, пулис фаъолони ҲНИТ-ро боздошт намуданд, ҳангоме ки онҳо маъракаи интихоботиро анҷом медоданд. Дар панҷ ҳодиса, фаъолон ба муддати кӯтоҳ боздошт шуданд. Масалан, дар Кӯлоб пулис 4 фаъоли ҲНИТ-ро боздошт намуд, ҳангоме ки онҳо бо тавзеъи варақаҳо дар берун аз масҷид машғул буданд. Аз рӯйи изҳори ғалатомези пулис, ин амалкарди фаъолони ҲНИТ-ро қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва созмонҳои динӣ» манъ кардааст. Як номзади ҲНИТ боздошт шуд, ҳангоме ки вохӯрӣ бо овоздиҳандагонро омода месохт. Вохӯрӣ мебоист дар як мактаби миёна баргузор мешуд, ки он дар рӯзи интихобот чун ҳавзаи интихоботӣ истифода бурда мешавад. Пулис изҳор намуд, ки ба ноболиғон тавзеъ кардани маводи таблиғотӣ хилофи қонун мебошад.[41] Дар шаҳри Душанбе се ҳодисаи боздошти фаъолони ҲНИТ мушоҳида шуд. Кормандони пулис фаъолони ҳизби мазкурро ба идораи худ бурда, онҳоро мавриди бозпурсӣ қарор доданд.

Дар вилояти Суғд ва дар Душанбе ба МНИ САҲА/ДИДҲБ хабар расид, ки гӯиё ба кормандони ҳукуматӣ ва овоздиҳандагон фишор оварда шуд, то ба номзадҳои ҲХДТ овоз диҳанд ва ё ба ҳар васила ба пирӯз гаштани онҳо мусоидат намоянд. Чи тавре як номзади ҲСДТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ба ду намояндаи ваколатдори ӯ таҳдид намуданд, ки аз вазифаашон сабукдӯш хоҳанд кард, агар аз ҷонибдории он номзад даст накашанд. Яке аз онҳо тасмим гирифт, ки ба ҳайси намояндаи ваколатдор дигар фаъолият нанамояд. Дуввумин намояндаи ваколатдор баъдан ба миссия хабар дод, ки ӯро аз вазифааш сабукдӯш нахоҳанд кард. Ҳамчунин дар бораи чаҳор мавриди фишороварӣ ба номзадҳои якмандата хабар расид. Худи номзадҳо ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ доданд, ки онҳо таҳти фишор қарор гирифтанд, то номзадии худро бозпас гиранд. Ҳарчанд ки миссияи нозирон натавонистааст дуруст будани ҳамаи ин баёнотро таҳқиқ кунад, вале теъдоди чунин баёнот боиси нигаронист.

# IX. ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

## A. МАЪЛУМОТИ ИБТИДОӢ

Телевизион манбаъи асосӣ ҷиҳати паҳн кардани иттилооти сиёсӣ дар Тоҷикистон, хусусан барои расонидани хабарҳо дар робита ба интихобот, маҳсуб меёбад. Тибқи иттилооте, ки раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радио ба МНИ САҲА/ДИДҲБ тақдим намуд, дар Тоҷикистон 26 канали телевизионӣ (9 канали давлатӣ ва 17 канали хусусӣ) фаъолият мекунанд. Танҳо 4-тои ин каналҳо[42] барномаҳояшонро дар сартосари кишвар пахш мекунанд ва онҳо давлатӣ мебошанд.

[40] Дар рӯзи интихобот, нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ плакатҳои иттилоотӣ дар бораи номзадҳоро танҳо дар 8% участкаҳои интихоботӣ диданд.
[41] МНИ САҲА/ДИДҲБ мамнӯъиятҳои дар боло зикргардидаро дар қонунгузорӣ ёфта натавонист.
[42] ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Сафина», ТВ «Ҷаҳоннамо» (аз с.2008) ва ТВ «Баҳористон» (аз с.2009).

Расонаҳои телевизионӣ ва радиоӣ таҳти назорати Кумитаи давлатии телевизион ва радио қарор доранд ва Комиссияи иҷозатномадиҳӣ бо судури иҷозатномаҳо метавонад ба онҳо таъсир расонад. Ин ду ниҳод таҳти ҳукумат фаъолият намуда ва раёсати онҳо аз ҷониби президент таъйин мешавад.[43] Аъзои кунунии ҳардуи ниҳодҳо кормандони давлатӣ, намояндагони ВАО-и давлатӣ ва инчунин намояндагони созмонҳои ғайридавлатии бо ҳизби ҳукмрон робитаи наздикдошта мебошанд. Каналҳои телевизионии асосӣ, ки аз ҷониби давлат маблағгузорӣ мешаванд, умдатан сиёсати давлатро тарғибу ташвиқ намуда, ба пешбарии мубоҳисаи кушод, таบодули назарҳо ҷиҳати тақдим намудани афкору ақоиди гуногун чандон мусоидат намекунанд.

Тибқи иттилооти расмӣ, дар ҷумҳурӣ 16 истгоҳи радио амал мекунанд.[44] Онҳо умдатан барномаҳои тафреҳиро пахш мекунанд. Баъзе истгоҳҳои радио иттилооти сиёсиро пахш менамоянд. Танҳо радиои давлатии «Тоҷикистон» тамоми қаламрави кишварро таҳти пахши худ қарор дорад.

Дар Тоҷикистон нашрияҳои нисбатан гуногунандеш вуҷуд доранд, вале аз сабаби тиражи хурд ва мушкилоти ҳамлу таҳвил онҳо берун аз шаҳрҳои бузурги кишвар хеле кам тавзеъ мешаванд.[45] Ба истисноi ду рӯзномаи давлатӣ[46], ки дар як ҳафта се маротиба интишор мешаванд, ҳамаи дигар рӯзномаҳо дар як ҳафта як маротиба аз чоп мебароянд. Истифода аз манобеъи Интернет рӯз аз рӯз меафзояд. Дар ҳоли ҳозир тақрибан 9% аҳолии кишвар дастрасӣ ба Интернет доранд. Бо вуҷуди ин таъсири Интернет то ба ҳол маҳдуд мебошад.

Қабл аз интихобот, як қатор намояндагони ВАО ба МНИ САҲА/ДИДҲБ хабар доданд, ки муҳити кори пешазинтихоботӣ то рафт камтар назорат карда мешавад. Бо вуҷуди ин, набудани гуногунандешӣ дар расонаҳои ТВ ва радио, камтаъсирии рӯзномаҳо, худсензураи расонаҳои хабарӣ боиси он гардидааст, ки дастрасии шаҳрвандони кишвар ба иттилоот, афкору ақоиди гуногун хеле маҳдуд аст.

## Б. ЧАҲОРЧӮБИ ҚОНУНИИ ФАЪОЛИЯТИ ВАО

Қонун дар бораи интихобот, сарқонун ва дигар қонунҳо баргузории маъракаи интихоботӣ бо истифодабарӣ аз ВАО-ро ба танзим медароранд.[47] Моддаи 30 сарқонун «озодии баён, озодии матбуот ва ҳаққи истифодабарӣ аз васоити ахбори оммаро» кафолат медиҳад ва «сензураи давлатӣ ва таъқиб барои интиқод»-ро манъ мекунад.

Бо вуҷуди ин, як қатор муқаррароти қонун дар бораи интихобот ва кодекси ҷиноӣ хилофи кафолати сарқонун дар мавриди озодии баён мебошанд. Чуноне ки маълум аст, озодии баён яке аз рукнҳои асосӣ ҷиҳати баён намудани паёми интихоботӣ ба таври номаҳдуд ва аз тарафи ВАО таҳти пахш қарор додани раванди интихобот ба ҳисоб меравад. Аз ҷониби ВАО интишор кардани иттилоотеро, ки шаъну шараф, номус ва номи неки номзадро паст

43 Дар ҳоли ҳозир ҳар дуи ин ниҳодро як шахс идора мекунад.
44 Чунин иттилоотро рӯзи 3 феврали с.2010 раиси Кумитаи давлатии телевизион ва радио ба МНИ САҲА/ДИДҲБ тақдим намуд.
45 Тибқи иттилооте, ки рӯзи 22 январ Вазорати фарҳанг ба МНИ САҲА/ДИДҲБ тақдим намуд, дар кишвар 201 рӯзнома ва 98 маҷалла интишор мешаванд.
46 «Ҷумҳурият» (рӯзномаи расмии Ҳукумат) ва «Садои Мардум» (рӯзномаи расмии Парлумон).
47 Аз ҳама муҳим, Қонун «Дар бораи пахши барномаҳои ТВ ва Радио», қонун «Дар бораи матбуот ва дигар васоити ахбори омма», фармонҳои №610 ва №622-и Президент, кодекси ҷиноӣ ва кодекси гражданӣ.

мезанад, қонун дар бораи интихобот манъ кардааст. Тӯҳмат кардан ва паст задани шаъну эътибори ҳар кадом шахс ҷиноят маҳсуб меёбад.[48] Ба таври васеъ қабул шудааст, ки расонаҳои хабарӣ барои паҳн кардани изҳороти сиёсатмадорон набояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, то ки баргузории маъракаи интихоботӣ ба таври озод ва кушод сурат гирад.

Илова бар ин, дар моддаҳои 27 ва 37 қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки платформаҳо ва паёми интихоботӣ набояд хилофи сарқонун ё муқаррароти қонун дар бораи интихобот бошанд. Ба ҳизбҳои сиёсӣ бояд иҷозат дод, то онҳо ба таври озод дигаргунии мусолиҳатомезро тарғибу ташвиқ кунанд (аз ҷумла, тағйир додани сохти конститутсиониро). Аммо, пешниҳод кардани назароти алтернативӣ дар баробари сиёсати кунунии ҳукумат бояд нақши асосии ҳизбҳои сиёсӣ бошад. Маҳдудиятҳои зикргардида ва истифодаи муҷозоти ҷиноӣ низ бо моддаҳои 7.7 ва 9.1 Санади Копенҳагени САҲА аз с.1990 мувофиқат намекунанд.[49] Қобили зикр аст, ки кодекси ҷиноӣ муқаррарот дар мавриди тӯҳмат ва тавҳинро дарбар мегирад. Намояндаи САҲА дар масоили озодии ВАО даъват намуд, то муқаррароти қонун дар мавриди «паст задани шаъну эътибори шахс» ғайриҷиноӣ карда шавад, азбаски ҳеҷ гуна стандарти байналмиллалӣ дар робита ба ин масъала вуҷуд надорад.

Моддаи 39 қонун дар бораи интихобот расонаҳои ТВ ва радиои давлатиро ӯҳдадор менамояд, ки барои ҳизбҳои бақайдгирифташуда ва номзадҳои якмандата дар давоми маъракаи интихоботӣ вақти ройгон ҷудо кунанд (барои ҳизбҳо 30 дақиқа ва барои номзадҳо 15 дақиқа). Ба номзадҳо иҷозат ҳаст, то вақти иловагиро харидорӣ намоянд. Дар асоси қарори КМИР[50], ҳар як ҳизб ва номзад ҳақ дорад вақти ройгонро дар ТВ «Тоҷикистон», Радиои «Тоҷикистон» ва шӯъбаҳои маҳаллии онҳо истифода барад. Илова бар ин, ҳар як ҳизб ва номзад ҳақ дорад дар давоми маъракаи интихоботӣ аз рӯзномаҳои давлатӣ, чи дар сатҳи марказӣ ва чи дар сатҳи маҳаллӣ, истифода барад. Дар ин иртибот, маҳдудияти истифодабарӣ аз матбуот то ба ҳашт саҳифа, дар формати А4, муқаррар шудааст. МНИ САҲА/ДИДҲБ мониторинги ВАО-ро анҷом дод. Натоиҷи мониторинг нишон дод, ки ТВ, радио ва матбуоти давлатӣ талаботи мазкурро риоя карданд, ҳарчанд ки вақти ройгон дар ТВ «Тоҷикистон» барои ҳизбҳои сиёсӣ танҳо аз 18 феврал дастрас шуд, яъне 8 рӯз пеш аз рӯзи интихобот.

Ҳангоме ки ҳамаи ҳизбҳо аз вақти ройгон дар ТВ «Тоҷикистон» истифода бурданд, танҳо ҲНИТ дар Радиои «Тоҷикистон» аз ин имконият истифода бурд; танҳо шумораи маҳдуди номзадҳои якмандата аз вақти ройгон дар яке аз ду каналҳои телевизионӣ[51] истифода бурданд. Қариб ҳамаи васоити ахбори омма тазаккур надоданд, ки таблиғот ройгон аст ё

48 Моддаҳои 135-137 ва 330 Кодекси ҷиноӣ. Паст задани шаъну эътибори шахс дар мавриди изҳори кушод ё тавассути ВАО нисбати корманди давлатӣ ё Президент мустаҳақ ба муҷозоти ҷиноӣ буда, то ба панҷ сол маҳрумият аз озодӣ пешбинӣ шудааст.

49 Дар банди 7.7 талаб карда мешавад, ки «қонун ва кори сиёсати давлатӣ бояд иҷозат диҳанд, то маъракаҳои сиёсӣ дар фазои адолат ва озодӣ баргузор гарданд…» ва дар банди 9.1 пешбинӣ шудааст, ки «истифодабарӣ аз озодӣ танҳо дар он маврид муставҷиби маҳдудиятҳо аст, ки дар чаҳорчӯби қонун сурат гирад ва ин маҳдудиятҳо бояд бо стандартҳои байналмиллалӣ мувофиқат кунанд».

50 Қарор «Дар бораи истифодабарии ВАО дар вақти таблиғоти пешазинтихоботӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳои бақайдгирифташуда ва намояндагони ваколатдорашон», ки аз ҷониби КМИР дар таърихи 28 декабри соли 2009 қабул шудааст.

51 45 номзади якмандата дар ТВ «Тоҷикистон» ва 6 номзади якмандата дар Радиои «Тоҷикистон» аз вақти ройгон истифода бурданд.

пулӣ. Хусусан, ин вазъият дар рӯзномаҳо мушкилоти зиёде ба бор овард. Қобили зикр аст, ки дар рӯзномаҳо фарқият байни таблиғот ва мақолаҳои маъмулӣ чандон рӯшан нест.

Дар мавриди таъмини вақти телевизионии ройгон барои номзадҳо як падидаи мусбатро қайд кардан ҷоиз аст: рӯзи 26 феврал ТВ «Тоҷикистон» мубоҳисаи пешакӣ сабтшударо пахш намуд, ки дар он намояндагон аз ҳамаи ҳизбҳои бақайдгирифташуда иштирок доштанд. Ҳарчанд ки ин барнома, дар раванди маъракаҳои интихоботӣ, дер пахш шуда бошад ҳам, мубоҳисаи мазкур ба овоздиҳандагон ҷиҳати дарёфти иттилооти муфид дар бораи платформаҳо ва андешаҳои мухталиф имконият фароҳам намуд. Мутаассифона, он натавонистааст фазои беиттилоотиро пур кунад, яъне набудани иттилоот дар бораи номзадҳо ва барномаҳояшон дар расонаҳои хабарӣ пеш аз интихобот (ниг. ба фасли баъдӣ).

## B. ХУЛОСАИ МОНИТОРИНГИ ВАО

Рӯзи 19 январ, МНИ САҲА/ДИДҲБ мониторинги ВАО-ро аз лиҳози сифат ва шумора оғоз намуд. Мониторинг се канали ТВ, чаҳор истгоҳи радио, нӯҳ рӯзнома[52] ва каналҳои телевизиони вилоятии Хуҷанд ва Қӯрғон-Теппаро[53] дарбар гирифт.

Натоиҷи мониторинг нишон дод, ки каналҳои телевизионии таҳти мониторинг қарордошта иттилооти марбут ба интихоботро пешниҳод менамуданд, аммо ин иттилоот умдатан ба ҷиҳатҳои оинномавӣ ва техникии раванди интихобот иртибот дошт. Ба истиснои вақтҳои таъйиннамудаи ройгон ва пулӣ барои номзадҳо[54], пахши фаъолияти маъракагузаронии ҳизбҳо ва номзадҳо қариб ки комилан вуҷуд надошт, ки камтар аз як фоизи барномаҳои марбут ба интихоботро ташкил медоданд. Чунин шароит ба номзадҳо мусоидат намекард, то онҳо тавонанд андешаву назароти худро ба овоздиҳандагон пешниҳод кунанд.

Се канали телевизионии мониторингшуда дар вақти пешниҳоди ахбор ва барномаҳо бештар дар мавзӯъҳои ғайриинтихоботӣ мутамаркиз мешуданд. Мавзӯъи асосие, ки таҳти пахши телевизион қарор дошт, маъракаи ҷамъоварии ҳазина барои сохтмони нерӯгоҳи барқи-обии «Роғун» ба ҳисоб мерафт. Ҳамаи каналҳои телевизионӣ дар давоми рӯз хабарҳои сершумор дар мавриди фурӯши саҳмияҳо дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ва дигар барномаҳо ва таблиғотро бо тавсифи ҷиҳатҳои ватандӯстии маъракаи маблағҷамъоварӣ пахш менамуданд. Илова бар ин, каналҳои телевизионии мониторингшуда ғолибан дар бораи амалигардонии сиёсати ҳукумат гузориш медоданд, ба хусус дар мавриди иҷрои барномаҳои ниҳолшинонӣ, кӯмаки фанноварӣ барои мактабҳо ва ярмаркаҳои корӣ барои бекорон аз ҳисоби иттилооти маъракагузаронии интихоботӣ.

52 Се канали телевизиони давлатӣ: ТВ «Тоҷикистон», ТВ «Сафина» ва ТВ «Ҷаҳоннамо»; Радиои давлатии «Тоҷикистон» ва се истгоҳи радиои хусусӣ: Радиои «Азия-Плюс», Радиои «Имрӯз» ва Радиои «Ватан»; рӯзномаҳои давлатии «Ҷумҳурият» (ба забони тоҷикӣ), «Садои мардум (ба забони тоҷикӣ) ва «Народная газета» (ба забони русӣ) ва рӯзномаҳои хусусӣ: «Фараж», «Миллат» ва «Тоҷикистон» (ба забони тоҷикӣ), «Азия-Плюс», «Бизнес и политика» ва «Вечерний Душанбе» (ба забони русӣ).

53 ТВ «Суғд» (давлатӣ) ва СМ-1 дар Хӯҷанд; ва ТВ «Хатлон» (давлатӣ) дар Қӯрғон-Теппа.

54 Ҳамаи ҳизбҳои бақайдгирифташуда аз ТВ «Тоҷикистон» вақти телевизионӣ хариданд, вале касе аз имконоти хеш тавассути Радиои «Тоҷикистон» истифода набурд.

Умуман, каналҳои телевизионии мониторингшуда дар шарҳи воқеъаҳои сиёсию иҷтимоӣ тақрибан якзайл гузориш медоданд: таваҷҷӯҳи хоса ба сохтмони нерӯгоҳи барқӣ-обии «Роғун» зоҳир мешуд, баъзе ҷиҳатҳои оинномавии интихобот низ тавсиф мешуд, вале иттилоот дар бораи маъракагузаронии номзадҳо ва шарҳи дигар мавзӯъҳои сиёсӣ аз назар дур боқӣ мемонд. Чунин бархӯрд ба шаҳрвандон имкон намедод, ки ғайр аз иттилооти расмӣ дигар иттилоотро дастрас намоянд.

Дар барномаҳои хабарии худ, ВАО-и давлатӣ бештар ба манфиати Президент Эмомалӣ Раҳмон гузоришҳо медоданд: шеваи хабаргузорӣ ва вақт – ҳама ба шахсияти ӯ тамаркуз буд. Президент, бо қудрати давлатиаш, дар мавзӯъи сиёсии тамоми барномаҳои асосии телевизион[55] бартарӣ дошт; 54% хабарҳои сиёсӣ дар ТВ «Тоҷикистон»[56], 55% дар ТВ «Сафина»[57] ва 63% дар ТВ «Ҷаҳоннамо»[58] ба фаъолияти президент бахшида шудааст. Дар ин иртибот, тарзи тақдими иттилоот мустасно мусбӣ ё бетараф ба назар мерасид. Чунин таърифу тавсифи фаъолияти президент, ки ӯ номзад дар интихоботи парлумонӣ намебошад, ба гумон аст, ки шумораи тарафдорони ҲХДТ-ро афзоиш диҳад. Чи тавре ки маълум аст, президенти кишвар раиси ин ҳизб мебошад.

Ҳангоме ки истгоҳҳои радиои мониторингшуда ба таври муназзам баъзе иттилоот дар бораи маъракаи интихоботӣ[59] ва инчунин барномаҳои махсус ва тасвирҳо бо тақдими андешаю назароти шаҳрвандон нисбат ба баъзе ҷиҳатҳои раванди интихобот пахш мекарданд, аксарияти рӯзномаҳои[60] мониторингшуда дар бораи маъракаю дигар чорабиниҳои интихоботӣ ва инчунин дар бораи номзадҳо иттилооти зиёд интишор менамуданд (аз ҷумла, баъзе назарҳои интиқодӣ низ чоп мешуд).

Рӯзномаҳои давлатии «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» ба таври кушод ба манфиати президент ва ҲХДТ мақолаҳои зиёд интишор мекунанд: дар «Ҷумҳурият» 64% ва дар «Садои мардум» 66% мақолаҳо ба фаъолияти президент ва ҳизби ӯ бахшида шудаанд. Аз сӯйи дигар, дар рӯзномаҳои хусусии «Фараж» ва «Миллат» мақолаҳо дар робита ба интихобот бештар ба Ҳизби наҳзати Исломи Тоҷикистон бахшида шудаанд: мутаносибан дар «Фараж» 34% ва дар «Миллат» 21%. Дар рӯзномаи «Тоҷикистон» 14% мақолаҳо ба номзадҳои якмандата бахшида шуданд, ки дар қиёс бо дигар нашрияҳои мониторингшуда бештар аст.

Он тадбирҳои идорӣ ва қонунӣ, ки алайҳи баъзе расонаҳои хабарӣ қабл аз маъракаҳои пешазинтихоботӣ истифода бурда шуданд, ба муҳити ВАО таъсири манфӣ гузоштанд. Дар

---

55 Аз ҷумла, баромадҳои Президент дар ҷаласаи ҳукумат (29 январ), дар ҷаласаи бахшида ба таҷлили 85-умин солгарди милитсияи Тоҷикистон ва паёми Президент аз санаи 5 январ, ки такроран 8 феврал ба навор гузошта шуд. Президент Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамаи баромадҳояш аҳамияти ҳиссагузории мардум ба маблағгузории сохтмони НБО «Роғун»-ро таъкид мекунад. Ӯ мардумро ба харидорӣ намудани саҳмияҳо ё иъона кардан ба ин пружаи бузург даъват намуд.

56 ТВ «Тоҷикистон» 24% барномаҳои худро ба ҳукуматҳои марказию маҳаллӣ бахшид ва тақрибан 21% пахши хабарҳои сиёсӣ ба КМИР ва дигар комиссияҳои интихоботӣ бахшида шуд.

57 ТВ «Сафина» 30% барномаҳои худро ба ҳукуматҳои марказию маҳаллӣ бахшид ва 14%-ро ба КМИР ва дигар комиссияҳои интихоботӣ.

58 ТВ «Ҷаҳоннамо» 23% барномаҳои худро ба ҳукуматҳои марказию маҳаллӣ бахшид ва 14%-ро ба КМИР ва дигар комиссияҳои интихоботӣ.

59 Аксаран, Радиои «Тоҷикистон».

60 «Азия-Плюс», «Фараж», «Миллат», «Народная газета» ва «Вечерний Душанбе».

муддати пешазинтихоботӣ, як қатор рӯзномаҳои мустақил[61] ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуданд: теъдоде аз кормандони ниҳодҳои давлатӣ ва судӣ алайҳи онҳо шикоят ба додгоҳ бурда, барои ҷуброни хисороти маънавӣ маблағи ҳангуфт талаб намуданд. Ба ақидаи ин кормандони давлатӣ, шаъну эътибори онҳоро паст заданд ва онҳое, ки ин корро карданд, бояд мувофиқи кодекси граждании муҷозот гардад. Намояндаи САҲА дар масоили озодии ВАО аз тарафи мансабдорон иройя кардани даъвоҳо ба додгоҳ алайҳи рӯзномаҳоро маҳкум кардааст[62]. Ҳарчанд ки ин даъвоҳо ба интихобот иртибот надоранд, ин падида, чи тавре ки рӯзноманигорон ба МНИ САҲА/ДИДҲБ изҳор доштанд, фазои тарсонданро ба вуҷуд овард. Дар таърихи 23 феврал, додгоҳи ноҳиявии Душанбе баррасии парвандаҳои «Азия-Плюс», «Фараж» ва «Озодагон»-ро то ба сипарӣ шудани интихобот ба таъвиқ гузошт. Канали телевизионии «СМТ»[63], ки дар шаҳри Душанбе мустақар аст, аз ҷониби кордонҳо ҳамчун манбаъи мустақили иттилоот шинохта шудааст. Ин канал, мутаассифона, натавонистааст, ки аз басомади нави барои он ҷудокардашуда ба пуррагӣ истифода барад, ба иллати он ки қароргоҳи низомии Русия аз ҳамон басомад истифода мебарад. Дар натиҷа, тамошобинони потенсиалии «СМТ» наметавонанд ин каналро тамошо кунанд ва агар тамошо кунанд ҳам, он канал бо сифати хеле паст ба навор мебарояд.[64]

## X. ИШТИРОКИ ЗАНОН

Сарқонуни давлат ва қонун «Дар бораи интихобот» барои иштироки баробари бонувон ва мардҳо дар раванди интихобот замина фароҳам месозанд. Қонун «Дар бораи баробарии ҷинсият (гендерӣ)», ки соли 2005 қабул шудааст, муқаррароти махсус дар мавриди фароҳам овардани имконоти баробар барои бонувон ва мардҳоро дарбар мегирад. Дар миёни созмонҳои ҳифзи ҳуқуқи занон иттифоқи назар вуҷуд дорад, ки қонунҳои марбута танҳо бо изҳороти холӣ дар бораи баробарӣ маҳдуд мешаванд. Иҷрои ин қонунҳо то ҳол ғайримуассир боқӣ мемонад.

Ба истиснои якчанд маворид, бонувон дар сиёсати ҷумҳурӣ нақши чандон муасире надоранд. Иштироки онҳо дар маъракаи интихоботии соли 2010 дар маҷмӯъ камранг ба назар мерасид. Бо вуҷуди ин, баъзе бонувон-номзадҳо дар маъракагузаронӣ хеле фаъол буданд. Онҳо дар ин ҳангом талош карданд, то таваҷҷӯҳи мардумро ба масоили ҷинсият ва нақши бонувон дар ҷомеа ҷалб намоянд. Ҷомеаи суннатӣ ва каҷфаҳмии нақши ҷинсият дар Тоҷикистон монеъаи асосӣ барои иштироки фаъоли бонувон дар сиёсат маҳсуб

61 Алайҳи ҳафтаномаҳои «Азия-Плюс», «Фараж» ва «Озодагон» ба додгоҳ даъвоҳо иройя шуд, ки маблағи онҳо дар маҷмӯъ тақрибан 687500 евроро ташкил медиҳад (шикоят аз болои онҳо рӯзи 25 январ бурда шуд); ҳафтаномаи «Миллат» бо даъвои ҷуброни маънавӣ ба маблағи 166500 евро мувоҷеҳ гардид (шикоят алайҳи он дар таърихи 26 январ иройя шуд). Дар таърихи 27 январ рӯзномаи «Пайкон» ба додгоҳ апеллятсия иройя намуд, вале додгоҳ онро тардид кард. Бояд ёдовар шуд, ки алайҳи «Пайкон» даъвои ҷуброни маънавӣ ба маблағи тақрибан 50000 евро ба додгоҳ иройя шуд.

62 Дар ин бобат, дар таърихи 8 феврал Намояндаи САҲА оид ба озодии ВАО гузориш барои матбуот интишор намуд, http://www.osce.org/fom/item_1_42678.html

63 Аз соли 2007 ин ҷониб дар сатҳи минтақавӣ ва дар соли 2009 дар сатҳи умумимиллӣ Симои мустақили Тоҷикистон ба пахши барномаҳои телевизионӣ дар басомади нав, ки барои он ҷудо шудааст, шурӯъ намуд.

64 Тибқи гузориши Кумитаи давлатии телевизион ва радио, Вазорати нақлиёт ва коммуникатсия чун ниҳоди ҷавобгар натавонистааст, ки вазъияти баамаломадаро ҳал кунад. Бояд ёдовар шуд, ки қароргоҳи низомии Русия ба таври ғайриқонунӣ аз ҳудуди худ канали русиро паҳн мекунад.

меёбад. Талабот дар мавриди он, ки номзад бояд маълумоти олӣ дошта бошад, монеъаи ҷиддие барои иштироки бонувон эҷод мекунад[65], ҳамон тавре ки гаравпулӣ, ки миқдори он аз рӯйи стандартҳои маҳаллӣ хеле бузург аст.

Шумораи зиёди созмонҳои ғайридавлатии бонувон фаъолият доранд, ки ба баробарии ҷинсӣ мусоидат мекунанд, аммо онҳо майли ба сиёсат дахолат карданро надоранд. Як қатор пружаҳои таълими овоздиҳандагон аз ҷониби шарикони байналмиллалӣ дастгирӣ ёфтанд, аз ҷумла дар ёздаҳ Маркази манобеъ барои бонувон, ки дар тамоми қаламрави кишвар фаъолият мекунанд. Ин марказҳо ба бонувон иттилоот ва таълим дар робита ба раванди овоздиҳӣ тақдим менамоянд.

Дар парлумони қаблӣ 17.5% вакилонро бонувон ташкил додаанд. Ҳоло, дар интихоботи ҷадид бошад 15 зан аз шумораи умумии 73 номзад (21%) дар рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба қайд гирифта шуданд. Қобили зикр аст, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар 22 ҳавзаи интихоботии умумӣ рақобат карданд. Дар 41 ҳавзаи якмандата аз шумораи умумии 129 номзад 17 нафар зан буданд, яъне 13%-ро ташкил медоданд. Аз 63 вакили интихобшуда 13 нафарро занҳо ташкил кардаанд (20.6%)[66].

Дар дастгоҳи раҳбарии интихобот аз 15 узви КМИР 3 нафарро занҳо ташкил мекарданд. Занҳо инчунин дар 4 комиссияи ҳавзавии интихобот (аз шумораи умумии 41 КҲИ) раисӣ мекарданд, аз ҷумла дар 2 КҲИ дар шаҳри Душанбе. Дар маҷмӯъ, 16% роҳбарияти КҲИ-оро (раисон, муовинони раисон ва котибон) занҳо ташкил медоданд. Инчунин, 21% аъзои КҲИ занҳо буданд. Дар рӯзи интихобот нозирон мушоҳида карданд, ки 17.8% аз тамоми КУИ-ои боздидшударо занҳо раисӣ мекунанд.

## XI. ИШТИРОКИ АҚҚАЛИЯТҲОИ МИЛЛӢ

Дар ҷумҳурӣ тоҷикон аксариятро ташкил медиҳанд, ки ҳиссаи онҳо ба 79.9% баробар аст. Ӯзбекҳо 15.3%, русҳо 1.1% ва қирғизҳо 1.1%-ро ташкил медиҳанд.[67] Дар ин интихобот, шумораи номзадҳо аз аққалиятҳои миллӣ ниҳоят кам буд ва масоили аққалиятҳои миллӣ дар давоми интихобот бардошта нашуд. Танҳо як номзад аз миллати ӯзбек дар яке аз ҳавзаҳои якмандата интихоб гардид. Аз рӯйхатҳои ҳизбҳои сиёсӣ ҳеҷ кадом намояндае аз аққалиятҳои миллӣ ба парлумон роҳ наёфт.

Ҳизбҳои сиёсӣ баъзе маводи тарғиботиро ба забонҳои аққалиятҳои миллӣ тавзеъ намуданд, масалан ба забони русӣ, ӯзбекӣ ва қирғизӣ. Ин падида аз ҷониби МНИ САҲА/ДИДҲБ дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе мушоҳида карда шуд. Дар баъзе

65 Як қатор муҳосибон аз созмонҳои маданӣ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ доданд, ки Тоҷикистон бо мушкилии ҷиддӣ рӯбарӯст. Гап дар сари он аст, ки шумораи зиёди духтарон мактабро бармаҳал тарк мегӯянд. Тибқи гузориши мавсум ба «Занҳо ва мардҳо дар соли 2009», ки онро Кумитаи давлатии омор интишор намудааст, дар соли 2006 дар таълимгоҳҳои касбии ибтидоӣ 27.1% занҳо ва 72.9% мардҳо таҳсил кардаанд. Бо вуҷуди он, ки дар соли 1998 президенти кишвар фармон дар бораи «Квотаҳо барои таҳсили духтарон аз ноҳияҳои дурдаст» содир намуд, ба назар мерасад, ки аҳволи духтарони ноҳияҳои дурдаст боз ҳам бадтар гардидааст.

66 Ҳафт вакил аз ҳавзаи якмандата ва шаш вакил аз рӯйхати ҳизбҳо интихоб шуданд. Ҳамаи занҳои интихобгардида аъзои ҲХДТ мебошанд.

67 Ин омор дар асоси саршумории аҳолии кишвар дар соли 2000 таҳия шудааст. Дигар аққалиятҳои миллӣ боқимонда 2.6%-ро ташкил медиҳанд.

минтақаҳо, ки шумораи зиёди аҳолиро аққалиятҳои миллӣ ташкил медиҳанд, варақаҳои интихоботӣ бо забонҳои аққалиятҳои миллӣ чоп шуда буд. Дар аксарияти минтақаҳое, ки қисми зиёди аҳолиро аққалиятҳои миллӣ ташкил медиҳанд, то ба 50% аъзои КҲИ-ҳоро намояндагони аққалияти миллӣ ташкил додаанд.

## XII. НОЗИРОНИ ДОХИЛӢ ВА БАЙНАЛМИЛЛАЛӢ

Дар қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои худпешбаранда ҳақ доранд, то нозирони интихоботиро таъйин кунанд. Ҳар як ҳизби сиёсӣ ва номзади худпешбаранда метавонад як нозир барои ҳар як КУИ таъйин намояд. Нозирони байналмиллалӣ низ дар қонун дар бораи интихобот дар назар гирифта шудаанд. Онҳо дар асоси даъватномаи КМИР аккредитатсия карда мешаванд.

Дар ин интихобот, КМИР 536 нозири байналмиллалиро ба қайд доровард, аз ҷумла 167 нозир аз кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои муштарак-ул-манофеъ, 17 нозир аз кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай, 254 нозир аз кишварҳои аъзои САҲА/ДИДҲБ ва 86 нозир аз сафоратҳои муқими Душанбе ва инчунин аз дигар созмонҳои байналмиллалӣ. Ҳамчунин, 25000 нозири дохилӣ аз ҳизбҳои сиёсӣ ва номзадҳои худпешбаранда раванди интихоботро мушоҳида карданд.[68] Қонун дар бораи интихобот ба таври рӯшан ба нозирон иҷозат намедиҳад, ки нусхаҳои тасдиқшудаи натоиҷи протоколро аз КУИ ё дар сатҳи КҲИ ба даст оваранд.

Ҳарчанд ки ҳукумати Тоҷикистон дарҳол нозирони байналмиллалиро ҷой дод, вале он ӯҳдадориҳои худро ба пуррагӣ иҷро накард, ба хусус ӯҳдадориҳое, ки дар банди 8 Санади Копенҳагени САҲА аз с.1990 пешбинӣ шудаанд ва ба нозирони дохилӣ аз созмонҳои шаҳрвандӣ иҷозат надоданд.

## XIII. АРЗУ ШИКОЯТҲО

Раванди арзу шикоятҳо, ки асосан тавассути қонун дар бораи интихобот, Кодекси граждании мурофиавӣ ва Кодекси қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ба танзим дароварда мешавад, чандон рӯшан тавсиф нашудааст ва он ташрифоти қонунии маносибро кафолат намедиҳад.[69] Дар робита ба баррасии шикоятҳо алайҳи қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ,[70] салоҳияти додгоҳҳо ва комиссияҳои интихоботӣ қисман бо ҳамдигар мушобеҳ мебошанд. Додгоҳи Олӣ чун мақоми ниҳоӣ барои баррасии ҳамаи парвандаҳо баромад мекунад. Дар ин росто, эътиборномаи додгоҳҳо аз эътиборномаи ниҳодҳои интихоботӣ чи фарқияте дорад рӯшан нест. Вазъияти бад дар он дида мешавад, ки миёни ниҳодҳои зирабт ҳамкорӣ ба таври систематикӣ вуҷуд надорад ва шикоятҳо дар ниҳодҳои

---

68 Тибқи гузориши матбуотии КМИР, ки дар таърихи 1 март интишор гардид.

69 Масалан, ҳақ ба ҳузур доштан дар баррасии қазия дар ҷаласаи кушод, ҳақ ба дастрасӣ намудани ҳалномаи хаттӣ ва асоснокии он, огоҳӣ кардан дар бораи ҳақ ба апеллятсияи қарорҳои додгоҳ дар қонун дар бораи интихобот пешбинӣ нашудааст.

70 Дар моддаҳои 12 ва 14 қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки комиссияҳои интихоботӣ ба назорати иҷро ва истифодаи баробари қонун дар бораи интихобот масъул мебошанд. Дар қонун дар бораи интихобот ба таври рӯшан пешбинӣ нашудааст, ки фаъолият ва адами фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ низ метавонад матраҳи баҳс қарор гирад.

гуногун такроран ба қайд гирифта мешаванд.[71] Шикоятҳо дар робита ба нақзи қонун дар бораи интихобот метавонанд ба додгоҳҳо иройя шаванд.[72]

Дар моддаи 20 қонун дар бораи интихобот мӯҳлати ниҳоят кӯтоҳ барои баррасии шикоятҳо аз сӯйи мақоми аввалин пешбинӣ шудааст: се рӯз ё фавран, агар шикоят дар давоми шаш рӯз пас аз интихобот ба қайд гирифта шуда бошад. Бо вуҷуди ин, КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки мӯҳлати муқарраршуда танҳо ба шикоятҳои ба додгоҳ супурдашуда дахл дорад. Фосилаҳои вақт барои иройяи шикоятҳо ба комиссияҳои интихоботӣ ва мӯҳлатҳои умумӣ барои иройя ва баррасии даъвоҳо ба додгоҳ, ки дар қонун дар бораи интихобот ва Кодекси гражданиии мурофиавӣ муқаррар шудаанд, барои раванди интихобот хеле дароз мебошанд.[73] Ҳамчунин, мӯҳлати ниҳоӣ барои шикоятҳо алайҳи қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ на аз вақти қабули қарор, балки аз вақти судури он оғоз мегардад, ки чунин бархӯрд муддати бақайдгирии шикоятро номуайян гузошта, ба василаи таъвиқгузории он ба сӯйистифодабарӣ мусоидат мекунад.

Баъзе номзадҳо адами эътимодро дар комиссияҳои интихоботӣ ва додгоҳҳо таъкид карданд, ки ба баррасии ғайримуғризона ва муассири шикоятҳо мусоидат намекунад. Ҳамчунин, дар бораи адами майл дар сабткунии шикоятҳои расмӣ ба манзури иҷтиноб аз аксуламали манфӣ нишон додани ниҳодҳои давлатӣ тазаккур дода шуд.[74] Аз ин сабаб, номзадҳо кӯшиш мекарданд, ки ихтилофотро ба таври ғайрирасмӣ ҳаллу фасл намоянд. МНИ САҲА/ДИДҲБ низ мушоҳида намуд, ки номзадҳо донишу малакаи ҳуқуқӣ ба андозаи кофӣ надоранд, то шикоятҳои муассирро омода созанд. Онҳо инчунин дониши кофӣ дар бораи талаботи фаннӣ ҷиҳати пешбарӣ кардани шикоятҳо ба додгоҳ[75] ва дар бораи макони муносиб ҷиҳати иройяи шикоятҳои марбут ба интихоботро надоранд.[76]

То ҷое ки ба МНИ САҲА/ДИДҲБ маълум аст, аз ҷониби аҳзоби сиёсӣ, номзадҳо ва шаҳрвандон ба КҲИ-ҳо 8 шикоят иройя шуд, ба КМИР – 15 ва ба додгоҳҳои мақоми аввал[77] 9 шикоят иройя шуданд. ҲНИТ аз ҳама зиёд шикоятҳои расмиро иройя кардааст. Шикоятҳо умдатан ба масъалаҳои зерин иртибот доштанд: ташкили ҳайати КУИ-ҳо, бақайдгирии номзадҳо, сухангӯйӣ дар раванди маъракаи интихоботӣ, монеъаэҷодкунии масъулини ниҳодҳои интихоботӣ ва мақомҳои маҳаллӣ барои фаъолони маъракаҳои

[71] Як қатор воқеъаҳое иттифоқ афтоданд дар робита ба шикоятҳое, ки ҳам ба додгоҳи мақоми аввал ва ҳам ба КМИР иройя шуданд. Агар КМИР воқиф мебуд, ки шикоят ба додгоҳ низ иройя шудааст, он шикоятро баррасӣ намекард, ҳарчанд ки ин амалкард бо қонун дар бораи интихобот мувофиқат намекунад.

[72] Бо вуҷуди ин, дар Кодекси гражданӣ-мурофиавӣ пешбинӣ нашудааст, ки номзадҳо метавонанд алайҳи номзадҳои дигар барои қонунвайронкунӣ дар интихобот ба додгоҳ даъво кунанд.

[73] 10 рӯз барои иройяи шикоятҳо алайҳи қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ; 40 рӯз барои иройяи шикоятҳо дар робита ба нақзи қонун дар бораи интихобот; 30 рӯз барои иройяи апеллятсия ба додгоҳ; аз 1 то 2 моҳ барои баррасии апеллятсия.

[74] Инчунин, ба МНИ САҲА/ДИДҲБ гузоришҳое расиданд, ки шаҳрвандон, бахусус ходимони давлатӣ, аз хабар додани воқеъа ё далели қонунвайронкуниҳои интихоботӣ бим доранд.

[75] Дар Боби 12 Кодекси гражданӣ-мурофиавӣ талаботи техникӣ барои иройяи шикоятҳо ба додгоҳ муқаррар шудааст.

[76] Дар баъзе мавридҳо, шикоятҳо алайҳи КҲИ-ҳо ба худи ҳамон КҲИ-ҳо иройя шуданд, ба ҷои он ки ба КМИР ё ба додгоҳ иройя шаванд. Инчунин, ба КМИР шикоятҳои зиёд дар робита ба интихоботи маҳаллӣ омада расидаанд, ҳарчанд ки КМИР ваколати қонунӣ ба ҳалли масоили марбут ба интихоботи маҳаллиро надорад.

[77] Аз рӯйи як қазия апеллятсия ба додгоҳи мақомӣ (инстанция) дуввум иройя шуд, вале ягон шикояте ё апеллятсия ба Додгоҳи Олӣ иройя нашуд.

интихоботӣ, мудохилаи пулис ба фаъолияти маъракагузаронӣ, фишороварӣ аз ҷониби ҳизби ҳукмрон ба манзури ҷамъоварии бештари овозҳо, василаҳои иҷбориро истифода бурдани мансабдорони ҳукуматӣ бо мақсади таъсир расонидан ба натоиҷи интихобот. Панҷ шикояте, ки ба додгоҳ ироӣя шуд, бо мудохилаи пулис ба маъракагузаронии фаъолони ҲНИТ иртибот доштанд. То ҷое ки ба МНИ САҲА/ДИДҲБ маълум аст, тамоми шикоятҳои ба додгоҳ иройяшуда ва тақрибан тамоми шикоятҳои ба комиссияҳои интихоботӣ иройяшуда ба нокомӣ анҷомиданд ё баррасӣ нашудаанд.

Ба МНИ САҲА/ДИДҲБ дар робита ба шикоятҳои ба КМИР иройяшуда ва посуххои муртабит ба онҳо дастрасии лозим дода нашуд. КМИР қонун дар бораи интихобот-ро ба шеваи сахтгирона тафсир кардааст, вазъият дар ин росто то ба ҷое расидааст, ки нозирони байналмиллалӣ танҳо ҳақ доранд, ки бо натоиҷи шикоёт[78] «ошно гарданд». Қонун дар бораи интихобот тақозо мекунад, ки қарорҳо дар мавриди шикоятҳо бояд аз тариқи овоздиҳии аъзои комиссияи интихоботӣ дар ҷаласаи кушод қабул шаванд ва шумораи аъзои комиссия бояд ба ҳадди нисоб бошад. Бар ихтилофи қонун, КМИР умуман шикоятҳоро бад ин тартиб баррасӣ накарда, дар посух ба онҳо танҳо номае бо имзои раиси КМИР равона кардааст.[79] Вақте ки Гурӯҳи корӣ дар мавриди шикоятҳо[80] иборат аз ҳашт узви КМИР таъсис дода шуд, ойинҳое вуҷуд надоштанд, ки раванди баррасикунии шикоятҳоро тафсил дода, ба чаҳорчӯби стандартӣ дарорад. Дар амал, сардори Гурӯҳи корӣ дар мавриди шикоятҳо «ҷиддият» ва «мураккабияти» шикоятҳоро муайян намуда, мутобиқан қарор медод, ки оё зарур аст дигар аъзо ё кормандонро ба таҳияи посуххо ҷалб намуд ё хайр ва то кадом андоза.

Барои расидагӣ кардани шикоятҳо КМИР ҳеҷ кадом ибтикореро ба андозаи кофӣ анҷом надодааст. Масалан, КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ додааст, ки нисбати шикоятҳо дар мавриди он, ки гӯиё фалон ҳокими вилоятӣ ба кормандони давлатӣ дастур медиҳад, то дар интихобот тақаллуб кунанд, ҳеҷ кадом расидагие анҷом нахоҳад дод, чунки «собит кардани чунин аъмол ғайриимкон аст». КМИР ҳамчунон таъкид намуд, азбаски яке аз шикоятбарандагони ин қазия аз қайд бароварда шуд, ҳоҷат ба баррасии шикоят нест. КМИР танҳо баъзе шикоятҳоро бидуни баррасӣ ба дигар ниҳодҳои давлатӣ равона кард. Дар як қазия, КМИР шикояти шикоятбарандаро ба КҲИ иройя кард, ҳарчанд ки аз рӯйи қонун КМИР мебоист худаш шикоятро баррасӣ кунад.[81] Илова бар ин, ғолибан ба шикоятҳо аз ҷониби КМИР дар муддати се рӯз посух дода намешуд, чи тавре ки онро қонун талаб менамояд. Дар яке аз чунин қазияҳо, номзаде, ки алайҳи қарори КҲИ дар мавриди ба қайд нагирифтани ӯ шикоят бурдааст, ҳашт рӯз барои гирифтани ҷавоби КМИР мунтазир шуд. Шикоятбаранда ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки аз барои дер омадани ҷавоби КМИР ба Додгоҳи Олӣ даъво нахоҳад бурд, чунки агар ба кашмакашҳои додрасӣ машғул шавад, вақт барои баргузории маъракаи интихоботӣ боқӣ нахоҳад монд. Чунин тарзи корбарӣ бо шикоятҳо ба эътибори КМИР ва ҳайати он латма ворид карда, риояи принсипҳои шаффофият ва ойинҳои қонуниро зери суол гузошт. Ғайр

---

78 Моддаи 8 қонун дар бораи интихобот. КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иҷозат дод, ки шикоятҳои иройяшуда ва ҷавобҳо ба онҳоро аз назар гузаронад, вале ба гирифтани нусхаи онҳо иҷозат надод. КМИР изҳор намуд, ки ҳатто иҷозат додан ба МНИ САҲА/ДИДҲБ барои аз назар гузаронидани шикоятҳо хилофи қонун мебошад. Тибқи гуфтаи онҳо, ҳамаи асноди марбут ба шикоятҳо «махфӣ» ба ҳисоб мераванд.

79 Номаҳо асоснокии воқеъию ҳуқуқиро таъмин намекунанд ва на ҳамеша ба ҳаллу фасли ҳамаи масъалаҳое, ки дар шикоятҳо ифшо гардидааст, равона шудаанд.

80 Гурӯҳи корӣ оид ба шикоятҳо дар асоси қарори №6 КМИР аз 16 декабри соли 2009 таъсис дода шуд.

81 Ин шикоят алайҳи қарори КҲИ дар мавриди таъйиноти аъзои КУИ иройя шудааст.

аз ин, набудани қарорҳои расмӣ дар мавриди шикоятҳо ба нақзи ҳаққи муроҷиат кардан ба додгоҳ оварда расонд, азбаски дар қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки додгоҳ салоҳияти баррасӣ кардани «қарорҳои» комиссияҳои интихоботиро дорад. Дар фаъолияти як қатор додгоҳҳои мақоми аввал камбудиҳои мушобеҳ вуҷуд доштанд: ин додгоҳҳо бақайдгирии шикоятҳоро рад мекарданд, ки хилофи Кодекси граждании мурофиавӣ мебошад[82] ва дар баъзе мавридҳо онҳо низ дар муддати се рӯз шикоятҳоро баррасӣ карда наметавонистанд.[83]

МНИ САҲА/ДИДҲБ ҳамчунон ҳолатҳои ба таври ҳирфаӣ ва шаффоф баррасӣ накардани шикоятҳо ва содир накардани қарорҳои расмӣ аз ҷониби КҲИ-ҳоро мушоҳида намуд. Мавридҳое буданд, ки КҲИ-ҳо қабул кардани шикоятҳоро рад мекарданд, ки чунин амал хилофи талаботи қонун мебошад. Дар посух ба шикояти ҲНИТ, яке аз КҲИ-ҳо изҳор намудааст, ки барои аъзои ҳизбҳо дар КУИ-ҳо фаъолият кардан аз рӯйи қонун мамнӯъ аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки кормандони КҲИ-и мазкур қонун дар бораи интихоботро ба тарзи нодуруст истифода мебурданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар КУИ-ҳои ҳамон ноҳия аъзои ҲХДТ ва ҲКТ фаъолият мекарданд.[84]

Умуман, додгоҳҳо шикоятҳои марбут ба интихоботро ба таври шаффоф ва муассир баррасӣ накарданд. Ҳолатҳое буданд, ки додгоҳҳо ба МНИ САҲА/ДИДҲБ додани иттилоот дар бораи ҷадвали баррасии парвандаҳо ва инчунин додани нусхаҳои қарорҳои додгоҳиро рад мекарданд. Ҳамчунон, ҳолатҳое мушоҳида шуданд, ки додгоҳҳо қонунро нодуруст истифода бурда, қарорҳои амиқ асоснокшуда намебароварданд. Дар яке аз чунин ҳолатҳо, додгоҳи ноҳиявии Панҷакент дар робита ба муқаррароти қонун дар бораи интихобот дар мавриди кӯмаки молӣ расонидан ба баргузории маъракаи интихоботӣ қарори комиссияи участкавии интихоботро, ки яке аз номзадҳоро аз қайд баровард, дастгирӣ намуд. Бояд тазаккур дод, ки КУИ ин қарорро мабно бар он содир кард, ки номзади мазкур хароҷоти маъракагузарониро бо пули худ пардохт кард, на аз он буҷае, ки давлат ихтисос намуд. Сабаби дигар он буд, ки ӯ гӯиё бо мақсади ҷамъоварии бештари овозҳо барои мактаби миёнае мебел харидорӣ намудааст. Дар апеллятсия, додгоҳи вилоятии Суғд қарори додгоҳи поёниро ҷонибдорӣ намуд, вале бар мабнои муқобил: аз нуқтаи назари додгоҳи вилоятӣ, номзад гӯиё аз маблағи буҷаи давлатӣ истифода бурда, мебелро харидааст.[85]

Дар посух ба баёнияи матбуотии ҲНИТ, ки дар он дар бораи қонунвайронкуниҳо дар интихобот аз сӯйи дастгоҳи идории интихобот ва мақомоти маҳаллӣ гуфта мешавад, Додгоҳи Олӣ дар таърихи 18 феврал баёнияи матбуотиеро содир намуд, ки дар он аз

[82] Баъзе додгоҳҳо камбудиҳои техникиро чун асоснокӣ барои ба қайд нагирифтан медонанд, аммо тибқи Боби 12 Кодекси гражданӣ-мурофиавӣ ҳамаи шикоятҳо бояд аз ҷониби додгоҳ ба қайд гирифта шаванд ва ҳаргуна камбудиҳои техникӣ бояд пас аз баррасии расмии додрас (судья) бартараф карда шаванд. Дар як маврид, додгоҳ такроран ба қайд гирифтани як шикоятро тардид намуд ба иллати он ки додрас ҳузур надошт.

[83] Дар баъзе мавридҳо, дар додгоҳ шикояти шикоятбарандагон ба ҳеҷ навъ баррасӣ намешуд. Ба ҷои он, дар додгоҳ ба шикоятбарандагон мегуфтанд, ки ба додситон муроҷиат кунанд.

[84] КҲИ ба моддаи 18 қонун дар бораи интихобот истинод мекард, ки тибқи он аъзои КУИ бояд бетараф ва беғараз бошад. Бо вуҷуди ин, чунин муқаррарот дар КУИ аъзо шудани намояндагони ҳизбҳоро мамнӯъ накардааст.

[85] Харидани овозҳо ё иҷозат бар азқайдбарорӣ барои харидани овозҳоро қонун дар бораи интихобот мамнӯъ накардааст, аммо харидории овозҳо мустаҳақ ба ҷаримаи маъмурӣ мабно бар кодекси қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ва муҷозоти ҷиноӣ мабно бар кодекси ҷиноӣ мебошад.

бамавқеъ ва дуруст будани қарорҳои додгоҳҳои поёнӣ дар қазияҳои марбут ба интихобот дифоъ намуд.[86]

МНИ САҲА/ДИДҲБ аз як қатор шикоятҳое воқиф аст, ки аз ҷониби номзадҳо ба дафтарҳои додситонӣ (прокуратура) иройя шуданд. Ҳарчанд ки аксарияти шикоятҳои ба КМИР иройяшуда бо қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ва ҷиноӣ иртибот доранд, КМИР аз аксарияти онҳо ба дафтарҳои додситонӣ иттилоъ надодааст. Тибқи баёнияи матбуотии Додситони Кулл аз 20 феврал, дафтари ӯ аз ҳеҷ кадом қонунвайронкунии интихоботӣ хабардор нест; дар робита ба изҳороти ҲНИТ дар ВАО доир ба қонунвайронкуниҳо дар интихобот, Додситони Кулл аз даст кашидан аз иройяи даъвоҳои қасдан иштибоҳомез огоҳӣ намуда, таъкид кард, ки барои ин амал ҷавобгарии қонунӣ пешбинӣ шудааст. То ҷое ки ба МНИ САҲА/ДИДҲБ маълум аст, дар асоси кодекси нави қонунвайронкуниҳои маъмурӣ ва ё кодекси ҷиноӣ касе барои нақзи қонун дар бораи интихобот муттаҳам нашудааст.

Дар маҷмӯъ, ба андозаи кофӣ дақиқ набудани чаҳорчӯби қонунӣ барои арзу шикоятҳо ва ғайриқаноатбахш будани тарзи кор бо шикоятҳо ва баррасии онҳо дар амал, ба нақзи ҳуқуқ ҷиҳати қонеъ намудани шикоятҳо дар робита ба интихобот (чунончи дар тааҳудоти САҲА тавсиф шудааст) оварда расонидааст.

## XIV. НАЗОРАТ АЗ РАВАНДИ ОВОЗДИҲӢ ВА ҲИСОБКУНИИ ОВОЗҲО

### A. Овоздиҳӣ

Рӯзи интихобот бо оромӣ гузашт ва дар бораи ҳеҷ кадом ҳодисаҳои нохуш ё хушунат гузорише наомадааст. Бо вуҷуди ин, танҳо дар 74% ҳавзаҳои интихоботии аз ҷониби МНИ САҲА/ДИДҲБ боздидшуда овоздиҳӣ мусбат арзёбӣ шуд. Арзёбии манфӣ нисбати фаъолияти 26% ҳавзаҳои интихоботӣ аз он далолат медиҳад, ки раванди овоздиҳӣ проблемаҳои ҷиддиро дарбар мегирад ва масъулини интихобот аз ӯҳдаи вазифаашон намебароянд, чунончи қонун дар бораи интихобот талаб менамояд. Дар 22% ҳавзаҳои интихоботии ташрифоварда ойинҳо ба таври ғайриқаноатбахш иҷро шудаанд. Ин падида аз набудани дастурҳои муфассал ва таълими нокифоя барои кормандони дастгоҳи идории интихобот далолат медиҳад. Дар арзёбии умумӣ байни манотиқи шаҳрию деҳотӣ фарқият гузошта нашудааст. Аз лиҳози ҷуғрофӣ, нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ раванди овоздиҳии вилояти Хатлонро беш аз ҳама манфӣ арзёбӣ карданд.

Назорат ва ҳисоботдиҳӣ дар робита ба варақаҳои интихоботӣ аз ҷониби масъулини интихобот ғайриқаноатбахш буд. Дар 36% ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда одамон бе нишон додани гувоҳиномаи шахсӣ овоз доданд; ғолибан, барои гирифтани варақаи овоздиҳӣ даъватнома ба интихоботро нишон додан кифоя буд.[87] Аз ин рӯ, назорат бар

---

[86] Додгоҳи Олӣ иттилоъ додааст, ки то судури баёнияи матбуотӣ ҳеҷ кадом қарори додгоҳи сатҳи пойинро расман баррасӣ накардааст.

[87] Мутобиқи моддаи 42 қонун дар бораи интихобот, варақаҳои интихоботӣ дар асоси рӯйхати овоздиҳандагон дар КУИ содир мешаванд ва дар ин маврид овоздиҳанда бояд шиносnoма ё ягон дигар санади тасдиққунандаи шахсияти ӯро нишон диҳад. Дар қонун мушаххас нашудааст, ки боз кадом санади тасдиққунандаи шахсиятро бояд нишон дод. КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки овоздиҳандагон метавонанд санадҳои зерини тасдиққунандаи шахсиятро нишон бидиҳанд:

раванди овоздиҳӣ суст буд, ки ба ғалатҳои ҷиддӣ оварда расонид. Дар зиёда аз нисфи ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда рӯйхатҳои овоздиҳандагон имзоҳои якхеларо дарбар мегирифтанд. Дар 29% ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда ҳодисаҳои овоздиҳии гурӯҳӣ мушоҳида шудаанд. Овоздиҳӣ ба ҷойи шахси дигар тақрибан дар ҳама ҷо амалкарди маъмулӣ буд. Дар 26% ҳавзаҳои интихоботӣ ин амалкард мушоҳида шудааст, ки мушкилоти ҷиддиеро ба миён меорад.[88]

44 ҳодисаи кӯшиши таъсир расонидан ба овоздиҳандагон дар 5.8% ҳавзаҳои интихоботӣ мушоҳида шуд. 60 ҳодисаи овоздиҳии чандкарата дар 8% ҳавзаҳои интихоботӣ ошкоро мушоҳида шуд. Нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ мушоҳида намуданд, ки дар чаҳор ҳавзаи интихоботӣ одамон бо варақаи пешакӣ ишорашуда овоз доданд. Дар бораи ҳодисаҳои пур кардани қуттиҳои овоздиҳӣ бо варақаҳои тақаллубӣ дар 25 ҳавзаи интихоботӣ (3.1%) гузориш дода шуд. Дигар проблемаҳое, ки мушоҳида шуданд, бо он иртибот доштанд, ки дар 18% ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда қуттиҳои овоздиҳӣ дуруст мӯҳр зада нашудаанд. Дар 10.4% ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда принсипи махфӣ будани овоздиҳӣ риоя нашуд, овоздиҳандагон маъмулан варақахои пуркардаашонро ба дигарон нишон медоданд. Дар се ҳавзаи интихоботии КҲИ №12 (Рашт) як номзади худпешбаранда аз ҷониби КУИ қабл аз оғози овоздиҳӣ аз қайд бароварда шуд, ҳарчанд ки ӯ номзадии худро бозпас нагирифта буд. Дар ҳамон ноҳияи зикргардида ду номзаде, ки номзадиашонро бозпас гирифта буданд, дар як қатор ҳавзаҳои интихоботӣ аз қайд бароварда нашуданд.

Нозирон тафовути ҷиддиеро дар раванди интихобот ошкор карданд: КУИ-ҳо баён намуданд, ки сатҳи иштироки мардум дар овоздиҳӣ баланд аст, вале шумораи имзоҳо дар рӯйхатҳои овоздиҳандагон ё шумораи варақаҳои овоздиҳӣ дар дохили қуттиҳо ба ин баёнот мувофиқат намекунад. Тақрибан дар се яки ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда ашхоси ғайриваколатдор ҳузур доштанд. Дар 43 ҳавзаи интихоботии боздидшуда мушоҳида мешуд, ки кадом шахсе бидуни ваколати лозимӣ фаъолияти КУИ-ро роҳбарӣ мекард. Падидае қобили таҳсин буд, ки нозирони ҳизбӣ ва нозирони номзадҳои алоҳида дар аксарияти ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда (91%) ҳузур доштанд. Аксарияти нозирони мазкур намояндагони ҲНИТ (68%) ва ҲХДТ (59%) буданд. Бо вуҷуди ин, нозирони ҳизбӣ дар фаъолияти назоратии худ маҳдуд карда шуданд, азбаски ба онҳо иҷозат намедоданд, то озодона дар гирду атроф ҳаракат кунанд, танҳо бояд дар ҷои ба онҳо махсус ҷудо шуда қарор гиранд, яъне дар як кунҷи дури ҳавзаи интихоботӣ. Ин падида дар 8% ҳавзаҳои интихоботӣ мушоҳида мешуд.

Нозирон қайд намуданд, ки 9% ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда пурра ба талаботи баргузории овоздиҳӣ ҷавобгӯ нестанд. 12% чунин ҳавзаҳои интихоботӣ пур аз одамон буданд.

## Б. ҲИСОБКУНӢ ВА ҶАДВАЛГУЗОРИИ ОВОЗҲО

гувоҳиномаи низомӣ, китобчаи бознишастагӣ ва ғ. санадҳое, ки акси овоздиҳандаро дарбар мегиранд.

88 Моддаи 42 қонун дар бораи интихобот, банди 4: «Овоздиҳандагон шахсан аз номи худ овоз медиҳанд. Овоз додан ба ҷойи дигарон мамнӯъ аст».

## 1. Ҳисобкунӣ

Дар 85 мавриди ҳисобкунии овозҳо, ки таҳти муроқибати МНИ САҲА/ДИДҲБ қарор гирифтанд, ҳисобкунӣ ва ҷадвалгузорӣ дар муқоиса бо овоздиҳӣ боз ҳам бадтар арзёбӣ шудааст. Дар камтар аз нисфи ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда ҳисобкунӣ мусбат арзёбӣ шудааст.[89] Дар нисфи ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда ойинҳои ҳисобкунӣ дуруст риоя нашудаанд.

Ба назар мерасид, ки аксарияти КУИ-ҳо дар бораи ойинҳои интихобот дониши маҳдуд доранд. Дар 33 ҳолат, шумораи умумии овоздиҳандагон дар рӯйхати асосӣ ва рӯйхати иловагиро дар протокол сабт накардаанд. Дар 32 ҳолати дигар, шумораи варақаҳои аз ҷониби КУИ-ҳо қабулшуда дар протокол сабт нагардидаанд. Дар 36 ҳавзаи интихоботии боздидшуда варақаҳои истифоданашуда беэътибор карда нашудаанд, чи тавре ки онро қонун талаб менамояд. Ҳамчунин, дар 37 ҳавзаи интихоботии боздидшуда шумораи варақаҳои лағвшуда ба протокол дароварда нашудааст. Дар 36 ҳолат шумораи варақаҳо дар қуттиҳои сайёр ҳисоб карда нашудаанд ва дар 31 ҳавзаи интихоботӣ варақаҳои интихоботӣ аз қуттиҳои собит ҳисоб карда нашудаанд ва шумораи умумӣ дар протокол қайд карда нашуд.

Ҳангоми дараҷабандии (сортировка) варақаҳо, тақрибан дар нисфи ҳавзаҳои боздидшуда интихоби овоздиҳандагон барои нозирон ноаён ба назар мерасид. Дар зиёда аз се яки ҳавзаҳои интихоботии боздидшуда аъзои КУИ дар омода намудани протоколҳо мушкилӣ мекашиданд. Ҳамчунин, дар 14 ҳолат протоколҳо бо ранг навишта нашудаанд. Дар 11 ҳавзаи интихоботии боздидшуда дар бораи ҷой доштани тақаллубҳо дар таҳияи рӯйхати овоздиҳандагон гузориш дода шуд.

Шаффофияти ҳисобкунӣ маҳдуд буд. Дар зиёда аз нисфи ҳавзаҳои боздидшуда нозирон дар бораи раванди ба итмом расондани овоздиҳӣ ва ҳисобкунии овозҳо тасвири пурра надоштанд. Ҳамчунин, дар 18 ҳавза нозиронро дар мушоҳидаи раванди ҳисобкунӣ маҳдуд мекарданд. Дар 46 ҳолат, ғалатҳои қобили мулоҳиза дар робита ба риояи ойинҳо мушоҳида гардиданд. Нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ гузориш доданд, ки пас аз ҳисобкунӣ КУИ-ҳо ба танаффус мебаромаданд, ки он аз 15 дақиқа то ба 3 соат тӯл мекашид. Варақаҳо ва протоколҳоро ба утоқи алоҳида мебурданд. Ба ин утоқҳо дохил шудани нозирон мамнӯъ буд.[90] Дар зиёда аз нисфи ҳавзаҳои боздидшуда, КУИ-ҳо протоколро ба иттилоъи умум намерасонданд, чунончи инро қонун дар бораи интихобот талаб мекунад.[91]

## 2. Ҷадвалгузорӣ

Дар як замон ба вуқӯъ пайвастани интихоботи маҳаллӣ ва интихоботи парлумонӣ то кадом андозае ба парешонӣ оварда расонд: КУИ-ҳо ба мушкилӣ рӯбарӯ шуданд, ки ба

[89] Дар КҲИ/КУИ-ҳои зерин ҳисобкунии овозҳо бо сифати «хеле бад» анҷом дода шудааст: 1/62, 2/7, 40, 4/54, 5/8, 6/11, 19, 26/4, 28/8, 30/3, 31/2, 14, 16, 35/1, 5, 36/38, 37/33.

[90] МНИ САҲА/ДИДҲБ КҲИ-ҳои зеринро мавриди муроқибат қарор дод: 1, 2, 5, 6, 7, 9, 11, 12, 13, 16, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 32, 34, 35, 37, 38, 39.

[91] Тибқи моддаи 46 қонун дар бораи интихобот, нусхаи протоколи расмии КУИ бояд дар девори берунаи ҳавзаи интихоботӣ дар давоми се рӯз ба намоиш гузошта шавад.

кадоме аз КҲИ-ҳо протоколҳои марбут ба интихоботи парлумониро иройя кунанд.[92] Ин падида беш аз ҳама дар минтақаи Душанбе ба назар мерасид (КҲИ-ҳои №3, №4, №8, №10, №29 ва №36). Дар ин минтақа КУИ-ҳо на ҳамеша протоколҳои марбут ба интихоботи парлумониро мустақиман ба КҲИ-ҳо иройя мекарданд.[93]

Раванди ҷадвалгузорӣ дар 46 ҳавзаи боздидшуда мусбат ва дар 39 ҳавзаи дигар манфӣ арзёбӣ шуд. Дар 8 КҲИ, нозирон ҷадвалгузориро «хеле бад» арзёбӣ намуданд.[94] Дар 17 ҳолат, протоколҳо ба КҲИ-ҳо фавран иройя нашуданд, чунончи инро қонун талаб менамояд. Ҳамчунин, аз 34 КҲИ-и боздидшуда дар 24-тояш ба протоколҳои КУИ-ҳо тағйирот ворид карда шуд. Дар КҲИ №35 протоколҳои чаҳор КУИ ғоиб буданд, ҳарчанд ки КҲИ натиҷаҳоро ҷадвалгузорӣ намуд.

Тақрибан дар нисфи КҲИ-ҳои боздидшуда нозирони ҳизбӣ ва нозирони номзадҳои алоҳида ҳузур доштанд. Дар миёни нозирон бештар намояндагони ҲНИТ ва ҲХДТ буданд: ҳар яке аз ин ҳизбҳо тақрибан сеяки шумораи умумии нозиронро ташкил медоданд. Тақрибан дар сеяки мавридҳои ҷадвалгузорие, ки таҳти муроқибати нозирон баргузор шуданд, шахсони ғайриваколатдор ҳузур доштанд, аксаран афсарони пулис.[95] Дар ду КҲИ, шахсе бидуни ваколат раванди интихоботро ё роҳбарӣ мекард ё мудохила мешуд.[96]

Ба фаъолияти нозирони САҲА/ДИДҲБ дар 9 маврид маҳдудият ва ё масдудият эҷод намуданд. Нозирони дохилӣ (ҳизбӣ ва аз номзадҳои алоҳида) бо халал ворид сохтан ба фаъолияташон дучор шуданд. Ин падида дар 11 ҳолат дар КҲИ-ҳои боздидшуда мушоҳида шуд. Дар 25 КҲИ, нозирон натавонистанд ба пуррагӣ ҷадвалгузории натоиҷи овоздиҳиро аз назар гузаронанд. Нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ дар 11 ҳолат тафовутро байни натоиҷи КУИ-ҳо ва рақамҳое, ки КҲИ-ҳо ба протоколҳои КУИ-ҳо даровардаанд, ошкор намуданд.

## XV. ЭЪЛОНИ НАТИҶАҲО

[92] Ба вуҷуд омадани чунин парешонӣ маншаъ мегирад аз адами ҳамоҳангии қонун дар бораи интихобот ва қонун «Дар бораи интихобот ба маҷлиси вакилони мардумӣ» (1999). Дар ҳар дуи қонун талаб карда мешавад, ки барои интихоботи парлумонӣ ва интихобот ба маҷлиси вакилони мардумӣ КҲИ-ҳо бояд алоҳида бошанд ва ин КҲИ-ҳо бояд дар алоҳидагӣ комиссияҳои участкавиро таъсис дода, аз болои онҳо назорат баранд. Аммо, дар амал як ҳавзаи (участкаи) интихоботӣ ҳам барои интихоботи парлумонӣ ва ҳам барои интихобот ба маҷлисҳои вакилони мардумӣ истифода бурда шуд ва ҳар дуи ин интихобот дар як рӯз баргузор гардид.

[93] КУИ-ҳо дар зери КҲИ-ҳои №1, 2, 5, 6, 7 ва 9 протоколҳои худро ирсол намуданд ба КУИ-и таъйиншуда, ки барои иройяи минбаъда ба КҲИ масъул буд; 80% ҳамон КҲИ-ҳо/КУИ-ҳо протоколҳои холӣ ирсол карданд; дар КҲИ-ҳои 26, 27, 28 ва 32 протоколҳои КУИ аввалан дар утоқи алоҳидаи КҲИ-ҳо ҷойгир карда шуданд; дар КҲИ №12 протоколҳои КУИ аз сӯйи 5 КҲИ барои интихоботи маҳаллӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

[94] Хусусан, КҲИ-ҳои 14, 19, 28, 32, 35 ва 37

[95] Моддаи 40 қонун дар бораи интихобот: «Дар рӯзи интихобот ҳузур доштан дар дохили утоқи овоздиҳӣ барои ашхоси силоҳбадаст, низомипӯш ва инчунин кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мамнӯъ аст, ба истиснои ҳолатҳое, ки барқарории қонун ва тартиботро талаб мекунанд».

[96] КҲИ-ҳои 9 ва 35.

Мутобиқи қонун «Дар бораи интихобот», КМИР дар таърихи 1 март натоиҷи интихоботи парлумониро дар як нишасти матбуотӣ эълом намуд. Оид ба натоиҷи интихоботи парлумонӣ гузориш барои матбуот содир шуд. Аз рӯйи он, се ҳизб хатти маши панҷфоизаро гузаштанд: ҲХДТ бо 71.69% овозҳо, ҲНИТ бо 7.74% ва ҲКТ бо 7.22%. Ҳизби аграрӣ 4.86% ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон 4.69% овозҳоро ба даст овард. Бад ин тариқ, ҳар дуи ҳизби номбурда пойин аз хатти маши панҷфоиза мондаанд.[97]

КМИР дар таърихи 5 март ҷаласа баргузор намуда,[98] натоиҷи ниҳоиро қабул кард. Дар таърихи 6 март дар рӯзномаи давлатии «Садои мардум» натоиҷи интихобот интишор гардид. Аз рӯйи натоиҷи ниҳоӣ, 5 ҳизб хатти маши панҷфоизаро убур карданд, аз ҷумла Ҳизби аграрӣ бо 5.1% ва Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон бо 5.03% овозҳо (ниг. ба Замима). Дар бораи шумораи шаҳрвандоне, ки берун аз кишвар овоз додаанд, ҳеҷ иттилооте дарҷ нагардид. Ба МНИ САҲА/ДИДҲБ низ ҳеҷ иттилооте дар ин иртибот дода нашуд, ҳарчанд ки дархост карда шуд.

Дар КҲИ №19 (Конибодом) давраи дуввуми интихобот, мутобиқи қонун дар бораи интихобот, дар таърихи 14 март баргузор гардид, азбаски ҳеҷ кадом номзаде аксарияти овозҳоро дар давраи аввал ба даст оварда натавонист.

## XVI. ШИКОЯТҲО ПАС АЗ РӮЗИ ИНТИХОБОТ

Нозирони МНИ САҲА/ДИДҲБ гузориш доданд, ки дар рӯзи интихобот шикоятҳои расмӣ дар 30 КУИ ва КҲИ-и боздидшуда иройя шуданд.

Ба МНИ САҲА/ДИДҲБ маълум аст, ки аз ҷониби номзадҳо 15 шикоят ба КМИР иройя шудааст ва як шикояте низ аз ҷониби намояндаи ҲНИТ, ки узви КҲИ буд, иройя шуд, ки ба ғалатҳои роҳдодашудаи рӯзи интихобот иртибот дорад. Шикояти мазкур инчунин ба додгоҳи ноҳиявӣ иройя шуд. Дар шикоят омадааст, ки дар ҳавзаҳои интихоботии гуногун қонунвайронкуниҳои ҷиддӣ ҷой доштанд, аз ҷумла мудохилаи ниҳодҳои ҳокимияти маҳаллӣ, пур кардани қуттиҳои интихоботӣ бо варақаҳои тақаллубӣ, халал ворид сохтан ба нозирони ҳизбӣ ва тақаллуб кардани протоколҳои КУИ-ҳо.[99] Дар чанде аз шикоятҳо махсус талаб карда мешуд, ки натоиҷ ва бозҳисобкуниҳои овозҳо дар сатҳи ноҳиявӣ лағв карда шавад, ё овоздиҳӣ аз сари нав гузаронида шавад. Номзадҳо аз рӯйи қонун ҳуқуқ надоранд, ки протоколҳои КУИ ва КҲИ-ро дастрасӣ кунанд. Чунин вазъият намегузорад,

---

97 Ҳамчунин, дар таърихи 1 март дар ВАО натоиҷи мухталиф интишор гардид, ки бо 5 ҳизб иртибот дорад, аз ҷумла ҲАТ ва ҲИИТ, ки хатти маши панчфоизаро убур карда, ба парлумон роҳ ёфтанд. КМИР ба МНИ САҲА/ДИДҲБ тавзеҳ дод, ки дар нусхаи гузориши матбуотӣ, ки дар компютер нигоҳ дошта мешуд, ғалат ёфт шудааст ва маҳз аз ҳамон компютер гузориши матбуотии КМИР барои нишасти матбуотӣ чоп гардид. Матни дурусти гузориши матбуотӣ дар компютери дигар нигоҳ дошта шуда буд. КМИР ба ҳамин тартиб ихтилофот байни натиҷаҳои овоздиҳиро маънидод кард.

98 МНИ САҲА/ДИДҲБ даъват карда нашуд, ҳарчанд ки намояндагони МНИ як қисми ҷаласаро мушоҳида карданд ва ҳамон ҳам аз сабаби он ки ба миссия дар бораи ҷаласаи КМИР тасодуфан маълум шуд. Кормандони КМИР тавзеъ доданд, ки даъват кардани ҳайати МНИ САҲА/ДИДҲБ-ро «фаромӯш карданд». Аммо, намояндагони миссия тақрибан якуним соат қабл аз баргузории ҷаласа аз кормандони КМИР дар бораи ҷаласа пурсон шуданд ва кормандони КМИР иттилоъ доданд, ки ҳеҷ гуна ҷаласа дар рӯзи 5 март пешбинӣ нашудааст.

99 Узви КҲИ аз Ҳизби наҳзати Исломи Тоҷикистон ба шикояти худ зиёда аз 30 протоколи КУИ-ҳоро, ки дар онҳо далелҳои ҷой доштани тақаллуб дар раванди интихобот оварда шудааст, замима кардааст.

ки онҳо аз ҳаққи худ ҷиҳати шикоят бурдан алайҳи натоиҷи интихоботро истифода намоянд.

Дар таърихи 5 март, КМИР як шикояти пасазинтихоботиро дар ҷаласаи кушод баррасӣ намуд, бидуни фароҳам овардани имконият барои шикоятбаранда ҷиҳати иштирок кардан дар шунидани қазия. КМИР ба шикояти мазкур ҷавоби рад дода, такя бар он кард, ки далели пешоварда кофӣ нест ва «асоснокии воқеъӣ ва қонунӣ вуҷуд надорад».[100] Бо сабаби номаълум, КМИР баррасии шикояти як узви КҲИ-ро рад карда, такя бар банди дар боло зикргардида намудааст. Дар ин иртибот, КМИР иддао дошт, ки тибқи моддаи 20 қонун дар бораи интихобот[101] аъзои КҲИ ҳақ надоранд шикоят иройя кунанд. Илова бар ин, КМИР бидуни ягон асоси қонунӣ ду шикоятро тардид намуд. Дар ин иртибот, КМИР изҳор дошт, ки дар таърихи 5 март натоиҷи ниҳоии интихоботро ба тасвиб расонидааст.[102] КМИР ба Додситони Кулл шикоятҳои дигарро барои расидагӣ равона кард.

Яке аз шикоятҳое, ки аз ҷониби ҲХДТ ироя шуд, бо иттиҳомот алайҳи номзади мухолиф анҷомид. Он номзад гӯиё раиси КУИ-ро бо иҷозат додани овоздиҳӣ аз номи шахсони дигар муттаҳам намуда, ба ӯ ҳамлаи ҷисмонӣ кардааст. Аммо, МНИ САҲА/ДИДҲБ аз ҳеҷ кадом иттиҳомот алайҳи масъулини интихобот ё ходимони давлатӣ ба иртикоби қонунвайронкуниҳои интихоботӣ воқиф нест.

Мӯҳлати қонунӣ барои эъломи натоиҷи ниҳоии интихобот бо фосилаи вақт барои баррасии арзу шикоятҳо дар баробари қонунвайронкуниҳо дар рӯзи интихобот (то ба болотарин сатҳи додгоҳӣ) мувофиқат намекунад (яъне дар муқоиса кӯтоҳтар аст).[103] Илова бар ин, тавассути қарори №29 КМИР аз 5 марти с.2010 тасмим гирифта шуд, ки тамоми варақаҳои интихоботӣ бояд дар давоми 10 рӯз пас аз интихобот нобуд карда шаванд.[104] Қабули чунин қарор иҷозат дод, ки далели қотеъ қабл аз анҷом ёфтани раванди арзу шикоят нобуд сохта шавад.

Додгоҳи Олӣ ба қайд гирифтани шикояти ҲНИТ-ро тардид намуд. Дар он шикоят натоиҷи ниҳоии интихобот мавриди баҳс қарор гирифт. ҲНИТ иддао кард, ки дар раванди интихобот тақаллуб ба таври васеъ ҷой дошт ва тақозо намуд, то интихобот аз сари нав

[100] Яке аз масъалаҳое, ки дар дастури рӯзи ҷаласаи КМИР дохил шуда буд, «Тардиди шикояти Ҳизби демократии Тоҷикистон» ном дошт, бо ишора ба қарори қаблан таъйиншуда пеш аз баррасӣ аз сӯйи комиссияи умумӣ. Ҳамчунин, ин ягона ҷаласаи КМИР буд, ки дар он ҳар кадом шикояте, ки ба КМИР ироя шудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт.

[101] Дар моддаи 20 Қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки ҳизбҳои сиёсӣ, номзадҳо, намояндагони ваколатдори онҳо, нозирон ва овоздиҳандагон метавонанд алайҳи қарорҳои комиссияҳои интихоботӣ шикоят бубаранд. Дар айни замон, аъзои КҲИ, ҳарчанд ки мушаххасан чун шикоятбарандагони эҳтимолӣ номбар нашудаанд, ҳақ доранд ҳамчун овоздиҳанда шикоят ироя намоянд.

[102] Дар моддаи 20 Қонун дар бораи интихобот пешбинӣ шудааст, ки шикоятҳоро бояд дар давоми 10 рӯз пас аз судури қарори комиссияи интихоботӣ ироя намуд. Шикоятҳои зикргардида дар давоми 10 рӯзи мӯҳлат ба КМИР ироя шуданд; он воқеъият, ки натиҷаҳои интихобот ба тасвиб расиданд, чун заминаи қонунӣ барои тардид кардани баррасии шикоятҳо хизмат намекунад.

[103] Моддаи 55 қонун дар бораи интихобот талаб менамояд, ки натиҷаҳои ниҳоӣ бояд на дертар аз ду ҳафта пас аз рӯзи интихобот эълом шаванд.

[104] Дар бобати нобуд сохтани варақаҳои интихоботӣ дар қонун дар бораи интихобот ҳеҷ чиз гуфта нашудааст.

баргузор шавад.[105] Ҳарчанд ки дигар ҳизбҳои мухолиф ният доштанд алайҳи натоиҷи интихобот шикоят намоянд, ҳеҷ кадоми онҳо ин амалро анҷом надодаанд.[106]

# XVII. ТАВСИЯҲО

САҲА/ДИДҲБ тавсияҳои зеринро барои баррасии ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Ин тавсияҳо бояд дар пайвастагӣ бо тавсияҳои қаблии миссияҳои нозирони интихоботии САҲА/ДИДҲБ дар мадди назар дошта шаванд. Барои иҷрои муассири ин тавсияҳо таваҷҷӯҳи фаврӣ ва иродаи сиёсӣ дар сатҳи муносиб зарур аст. САҲА/ДИДҲБ омода аст, то ба мақомот ва ҷомеаи шаҳрвандии Тоҷикистон ҷиҳати мукаммал намудани раванди интихобот мусоидат намояд.

## A. Тавсияҳои авлавӣ

1. Баррасии ҳамаҷонибаи қонун дар бораи интихобот бояд қабл аз интихоботи оянда анҷом дода шавад, то ки ин қонун ба тааҳудоти САҲА мувофиқат кунад, камбудиҳои он бартараф карда шаванд ва муқаррароти он рӯшантар гардад. Илова бар ин, тавсияҳои САҲА/ДИДҲБ оид ба ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба чаҳорчӯби қонунӣ дар ин гузориш ва гузоришҳои қаблӣ низ бояд аз ҷониби парлумон баррасӣ шавад. Аз ҷониби тамоми доираҳои манфиатдор бояд талошҳои мудовим анҷом дода шавад, то дар ворид сохтани тағйиру иловаҳо ба қонуни кунунӣ дар бораи интихобот иттифоқи назар пайдо шавад.

2. Ҳукумат бояд ба ғалатҳо ва тақаллубкориҳое, ки дар давоми интихобот ҷой доштанд, фавран расидагӣ намояд. Шахсоне, ки қонунро вайрон карданд, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шуда, аз рӯйи қонун муҷозот шаванд.

3. Маҳдудияти беш аз андоза бар озодии баён бояд аз чаҳорчӯби қонун бардошта шавад. Лағви маҳдудият ба пайдо шудани муҳити озод барои маъракаи интихоботӣ мусоидат намуда, риояи комили принсипҳои озодиро, ки рукни асосӣ барои баргузории интихоботи демократӣ ба ҳисоб меравад, таъмин менамояд.

4. Афроде, ки дорои таҳсилоти олӣ нестанд, бояд ҳақ пайдо кунанд, то номзадии худро дар интихоботи парлумонӣ пешбарӣ намоянд, ки ин бо Конвенсияи байналмиллалии ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ мувофиқат мекунад.

5. Мафоди қонун дар бораи интихобот (моддаи 33), ки дар он пешбинӣ шудааст агар шахсе ба иртикоби ҷинояти вазнин гумонбар бошад, ба ӯ номзадии хешро дар интихобот пешбари кардан мамнӯъ аст, бояд лағв карда шавад. Ин мафод бар хилофи «ҳадси бегуноҳӣ» (презумпция о невиновности), ки дар Сарқонун ва инчунин дар Санаи Копенҳагени САҲА аз с. 1990 пешбинӣ шудааст, баромад мекунад. Аз даст додани ҳақ барои пешбарии номзадӣ муҷозоти сангин маҳсуб

[105] Камбудиҳои техникӣ, ки дар шикоятҳо ҷой доштанд, чун асос барои рад кардани баррасии онҳо истифода шуданд. Бо вуҷуди ин, Боби 12 Кодекси граждани-мурофиавӣ талаб мекунад, ки танҳо пас аз бақайдгирии шикоят метавон онро барои ёфтани камбудиҳои техникӣ бозрасӣ намуд.

[106] Раҳбари ҲДТ ба МНИ САҲА/ДИДҲБ иттилоъ дод, ки натоиҷи интихоботро дар Додгоҳи Олӣ матраҳи баҳс қарор додан «бефоида» аст.

меёбад ва он дар ҳар як маврид бояд эҳтиёткорона баррасӣ шавад ва муайян карда шавад, ки маҳрум кардани ҳаққи мазкур бо ҷинояти содиршуда мутаносиб аст ё хайр.

6. Барои он, ки овоздиҳандагон ба иттилооти кофӣ, гуногунандешӣ, ғайримуғризона ва мутаносиб дар бораи аҳзоби сиёсӣ ва номзадҳо тариқи барномаҳои ахбор ва умури давлатӣ дастрасӣ ёбанд, бояд як қатор тадбирҳои муассир анҷом дода шаванд.

7. Гуногунандешӣ ва гуногунҳизбӣ дар ҳайати комиссияҳои интихоботӣ дар ҳамаи сатҳҳо бояд таъмин карда шавад, то эътимоди мардум ба фаъолияти онҳо афзоиш ёбад.

8. Қонун дар бораи интихобот бояд ба фаъолияти нозирони дохилӣ аз созмонҳои ҷамъиятӣ иҷозат диҳад, ки ин ба тааҳудоти САҲА мувофиқат мекунад.

9. Афроде, ки ҳуқуқашон поймол гардид, бояд ба василаҳои дифоъ аз ҳуқуқи хеш ба таври муассир ва бамавқеъ дастрасӣ ёбанд (мутобиқи тааҳудоти САҲА). Тибқи талаботи қонунӣ, додгоҳҳо ҳангоми баррасии арзу шикоятҳо бояд ба таври мустақил, ғайримуғризона ва шаффоф амал намоянд. Мутобиқи қонун, онҳо бояд ба шикоятҳо дастрасии бемамоният фароҳам оваранд, парвандаҳои интихоботиро дар ҳудуди вақти таъйиншуда баррасӣ намоянд, мабно бар волоияти қонун ҳукм бароранд, ҳукмҳои содиршударо бо далоили бештар ҳамаҷонибаи воқеъӣ-қонунӣ таъмин намоянд ва шаффофияти раванди баррасии парвандаҳоро тақвият бахшанд. Барои ҷилавгирӣ кардан аз судури қарорҳои бо ҳам мушобеҳ ё бо ҳам ихтилофомада бояд байни додгоҳҳо ва комиссияҳои интихоботӣ ҳамкориро ба таври муттасил ба роҳ монд.

10. Бояд миқдори гаравпулии интихоботиро коҳиш дод, то теъдоди бештари номзадҳо дар рақобати интихоботӣ ширкат варзанд ва гуногунандешии сиёсӣ афзоиш ёбад.

11. Барои возеҳ сохтани муқаррароти қонунии ба таври рӯшан тавсифнашуда ва фароҳам овардани шароит ҷиҳати он, ки муқаррароти қонун ба таври якзайл истифодабарӣ мешаванд, КМИР бояд дар чаҳорчӯби вазифаи қонунии худ (моддаи 12.1 қонун дар бораи интихобот) дастурҳои мувazzафкунанда содир намояд, аз ҷумла дастурҳои возеҳ ва муфассал барои фаъолияти КҲИ-ҳо ва КУИ-ҳо дар мавриди бақайдгирии номзадҳо, овоздиҳии зуд, овоздиҳӣ аз тариқи қуттии сайёр, овоздиҳӣ дар хориҷ аз кишвар, овоздиҳии низомиён, овоздиҳӣ бо кӯмаки шахси дигар, ҳисобкунии овозҳо, таҳия намудани протоколҳо дар сатҳҳои КУИ ва КҲИ, ҷадвалгузории овозҳо дар КҲИ-ҳо.

## Б. ТАВСИЯҲОИ ДИГАР

### Чаҳорчӯби қонунӣ

12. Агар номзаде шумораи ҳадди аққали имзоҳои мӯътабари ҷонибдоронашро ҷамъоварӣ карда тавонад, ӯ бояд ба қайд гирифта шавад, новобаста аз он ки

шумораи имзоҳои беэътибор то ба чи миқдор расидааст. Дар ин иртибот, бояд ба моддаи 35 қонун дар бораи интихобот тағйиру иловаҳо ворид намуд.

13. Ба моддаи 55 қонун дар бораи интихобот бояд тағйиру иловаҳо ворид намуд, то шароит фароҳам оварда шавад барои интишори натоиҷи интихобот аз рӯйи ҳар кадом ҳавзаи интихоботӣ. Илова бар ин, ба нозирон иҷозат дода шавад, то тавонанд нусхаҳои гувоҳишудаи протоколҳо оид ба натоиҷи овоздиҳиро дар сатҳҳои КУИ ва КҲИ дастрас намоянд. Ворид сохтани чунин тағйирот иҷозат медод, то доираҳои алоқаманд боварӣ ҳосил кунанд, ки натоиҷи интихобот ба таври дақиқ ва одилона гузориш шуданд, чунончи дар тааҳудоти САҲА пешбинӣ шудааст.

**Мудирияти интихобот**

14. КМИР мутобиқи масъулияти қонунии худ бояд ҳудуди ҳавзаҳои интихоботиро баррасӣ намояд, то баробарии овозҳо таъмин карда шавад. Ин шартро қонун дар бораи интихобот ва тааҳудоти САҲА талаб менамоянд.

15. Ҷаласаҳои комиссияҳои интихоботӣ дар ҳамаи сатҳҳо бояд барои ВАО ва нозирон дар давоми интихобот боз бошанд, ки ин ба афзоиши шаффофият ва эътимоди ҷомеа мусоидат менамояд.

16. Барои он ки номзадҳо тавонанд номзадии хешро бозпас гиранд бояд мӯҳлати муайян гузошт. Ҳамчунин, бояд ойинҳои муфассал дар мавриди бозпасгирии номзадӣ матраҳ гарданд.

17. Барои афзоиш додани шаффофият, КМИР метавонад масъалаи нигаҳ доштани торномаи худ дар Интернет ва интишор намудани ҳамаи қарорҳои қабулкардаи худро баррасӣ намояд.

**Бақайдгирии овоздиҳандагон**

18. Бояд як системаи марказонидашуда, миллӣ ва компютеризатсияшудаи бақайдгирии овоздиҳандагон бунёд шавад, то бозрасиҳои чандҷониба ва иҷтиноб аз дубора ворид кардани иттилоот таъмин карда шавад. Эҷоди чунин система ба баланд бардоштани сифати таҳиякунии рӯйхатҳои овоздиҳандагон имкон медиҳад.

**Маъракаи интихоботӣ**

19. Ба тамоми номзадҳои бақайдгирифташуда бояд вақти кофӣ дода шавад, то онҳо тавонанд маъракаи интихоботиро бамавқеъ гузаронанд.

20. Комиссияҳои интихоботӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ набояд маҷлисҳо дар робита ба маъракаҳои интихоботӣ ташкил кунанд ва инчунин набояд дар ин маҷлисҳо вазифаи раисиро анҷом диҳанд. Нақши онҳо бояд бо ташкил кардани раванди интихобот ва расонидани кӯмаки амалӣ бо дархости номзадҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ маҳдуд гардад.

21. Барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд барномаҳои таълимӣ оид ба қонуну қоидаҳо дар робита ба маъракаҳои интихоботӣ матраҳ гардад. Дар чунин барномаҳои таълимӣ таваҷҷӯҳи умда бояд ба ҳаққи баргузории маъракаи интихоботӣ ва ӯҳдадории ҳукумат ҷиҳати мудохила накардан ба фаъолияти маъракагузаронӣ равона шавад. Ҳамчунин, ба шеваҳои муассири расидагӣ ва таъқиби қонунӣ барои иртикоби ҷиноёти марбут ба интихобот аҳамият дода шавад.

**Арзу шикоятҳо**

22. Барои таъмини ойини муносиби қонунӣ, возеҳтар гардонидани муқаррарот ва инчунин таъмини шаффофият, раванди арзу шикоёт бояд тағйир дода шавад. Камбудиҳои мушаххасе, ки дар гузориш мавриди зикр қарор гирифтанд, бояд ислоҳ карда шаванд, ба хусус рӯшан сохтани салоҳиятҳои додгоҳҳо ва комиссияҳои интихоботӣ, матраҳ сохтани муқаррарот ҷиҳати иҷозат додани иройяи шикоятҳо алайҳи ҳамаи шаклҳои қонунвайронкунии интихоботӣ ва фаъолияти / адами фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ аз ҷониби ҳаргуна шикоятбарандагон, муайян намудани мӯҳлатҳои махсус ва кӯтоҳ ҷиҳати иройя ва баррасӣ кардани арзу шикоятҳо дар ҳамаи сатҳҳо, интишор намудани қарорҳо дар робита ба шикоятҳо.

23. Ҳамаи комиссияҳои интихоботӣ бояд шикоятҳоро ба таври баррасӣ намоянд, ки бо қонун мувофиқат кунад. Онҳо инчунин бояд қонунро бо роҳи дуруст, асоснок ва ғайримуғризона истифода баранд. Барои ислоҳ кардани амалкарди кунунӣ, дар қонун дар бораи интихобот бояд ба таври рӯшантар пешбинӣ шавад, ки КМИР ва дигар комиссияҳои интихоботӣ бояд аз болои тамоми шикоятҳо ҳукмфармо бошанд, дар ҷаласаҳои умумӣ, дар ҳудуди 3-5 рӯзи мӯҳлати ҷудошуда ва инчунин қарорҳои қабулшударо ба таври расмӣ ва бо тамоми далоил пешкаш намоянд. Ғайр аз ин, қонун дар бораи интихобот метавонад тамоми кафолатҳои марбут ба ойинҳои муносиби қонуниро дарбар гирад. Барои таъмин намудани ҳамоҳангӣ ва шаффофият, КМИР бояд ойинҳои муфассал оид ба ҷараёни корро муқаррар намояд, то раванди арзу шикоятҳоро дар ҳамаи сатҳҳои комиссияҳои интихоботӣ идора кунад.

24. Барои кормандони комиссияҳои интихоботӣ ва додгоҳҳо бояд бахшҳои таълимии иловагӣ оид ба ҳалли муассири баҳсҳои интихоботӣ ташкил карда шавад. Анҷоми чунин ибтикор ба бештар мувофиқат кардан бо ойинҳои интихоботӣ мусоидат мекунад.

25. Масъалаи аъзои ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар субъектҳои интихоботро таълим додан дар бораи раванди интихобот бояд баррасӣ шавад, аз ҷумла дар робита ба ойинҳои арзу шикоёт ва матраҳсозии муассири арзу шикоёт.

## ЗАМИМА: ТАВЗЕЪИ НИҲОИИ ҶОЙҲО ДАР ПАРЛУМОН

Натиҷаҳои интихобот, ки дар зер оварда шудааст, асос меёбад бар иттилооте, ки аз ҷониби КМИР дар рӯзномаи «Садои мардум» дар таърихи 6 марти соли 2010 интишор ёфтааст.

**Шумораи умумии мандатҳо (63 ҷой):**

| | |
|---|---|
| **ҲХДТ** | **54 ҷой** |
| **ҲАТ** | **2 ҷой** |
| **ҲКТ** | **2 ҷой** |
| **ҲИИТ** | **2 ҷой** |
| **ҲНИТ** | **2 ҷой** |
| **Ғайриҳизбӣ** | **1 ҷой** |

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ дар ҳавзаи воҳиди умумимиллӣ (22 ҷой):**

| | |
|---|---|
| **ҲХДТ** | **16 ҷой** |
| **ҲНИТ** | **2 ҷой** |
| **ҲКТ** | **2 ҷой** |
| **ҲАТ** | **1 ҷой** |
| **ҲИИТ** | **1 ҷой** |

| **Рӯйхати ҳизбҳои сиёсӣ** | **Шумораи овозҳо** | **%** |
|---|---|---|
| ҲАТ | 166.935 | 5.1 |
| ҲДТ | 33.657 | 1.0 |
| ҲИИТ | 165.324 | 5.03 |
| ҲКТ | 229.080 | 7.0 |
| ҲНИТ | 268.596 | 8.2 |
| ҲСТ | 18.029 | 0.5 |
| ҲСДТ | 27.006 | 0.8 |
| ҲХДТ | 2.321.436 | 70.6 |
| «Зидди ҳама» | 37.597 | 1.1 |
| Варақаҳои беэътибор | 21.710 | 0.7 |

**Вакилоне, ки дар асоси рӯйхати номзадҳои ҳизбҳои сиёсӣ интихоб шуданд**:

| Ному насаб | Ҳизб |
|---|---|
| Амиршо Миралиев | ҲХДТ |
| Акрамшо Фелалиев | ҲХДТ |
| Хайринисо Юсуфӣ | ҲХДТ |
| Зиёратшо Саъдулло | ҲХДТ |
| Муҳаммадшариф Ҳақдодов | ҲХДТ |
| Ҳусейн Алиев | ҲХДТ |
| Хадича Ҳакимова | ҲХДТ |
| Саиди Ёқубзод | ҲХДТ |
| Низом Қосим | ҲХДТ |
| Мунаввар Кенҷаева | ҲХДТ |
| Бибидавлат Афзалшоева | ҲХДТ |

| Ному насаб | Ҳизб |
|---|---|
| Ҷумъабой Сангинов | ҲХДТ |
| Мағфират Хидирова | ҲХДТ |
| Бег Қурбонов | ҲХДТ |
| Талбак Салимов | ҲХДТ |
| Гулнора Ҳасанова | ҲХДТ |
| Муҳиддин Кабирӣ | ҲНИТ |
| Сайдамир Ҳусайнӣ | ҲНИТ |
| Шодӣ Шабдолов | ҲКТ |
| Исмоил Талбаков | ҲКТ |
| Маҳмадшариф Нозимов | ҲИИТ |
| Амир Қароқулов | ҲАТ |

Натиҷаҳои интихобот аз рӯйи ҳавзаҳои якмандата (41 ҷой):

| | |
|---|---|
| **ҲХДТ** | **38 ҷой** |
| **ҲАТ** | **1 ҷой** |
| **ҲИИТ** | **1 ҷой** |
| **Ғайриҳизбӣ** | **1 ҷой** |

| КҲИ | Ному насаб | Ҳизб |
|---|---|---|
| 22 | Олим Салимзода | ҲХДТ |
| 23 | Лутфулло Саидмуродов | ҲХДТ |
| 24 | Саттор Холов | ҲХДТ |
| 25 | Нодира Турдиматова | ҲХДТ |
| 26 | Саодат Амиршоева | ҲХДТ |
| 27 | Амирбек Маҳмадалиев | ҲХДТ |
| 28 | Маҳмадамин Ҳисориев | ҲХДТ |
| 29 | Турахон Самадов | ғайриҳизбӣ |
| 30 | Ҳабибулло Саъдуллоев | ҲХДТ |
| 31 | Бадриддин Садриддинов | ҲХДТ |
| 32 | Абдуҷалол Салимов | ҲХДТ |
| 33 | Мусаябшо Назриев | ҲХДТ |
| 34 | Сайфулло Гиёев | ҲХДТ |

| КҲИ | Ному насаб | Ҳизб |
|---|---|---|
| 1 | Маҳмадалӣ Ватанов | ҲХДТ |
| 2 | Марҳабо Ҷабборова | ҲХДТ |
| 3 | Сафаралӣ Раҷабов | ҲХДТ |
| 4 | Шермуҳаммад Шоҳиён | ҲХДТ |
| 5 | Баракатуллоҳ Атохоҷа | ҲХДТ |
| 6 | Сабоҳат Муқумова | ҲХДТ |
| 7 | Шарофиддин Сироҷов | ҲИИТ |
| 8 | Галия Рабиева | ҲХДТ |
| 9 | Давлаталӣ Давлатзода | ҲХДТ |
| 10 | Убайдулло Давлатов | ҲХДТ |
| 11 | Мироҷиддин Ҳакимов | ҲХДТ |
| 12 | Шукурҷон Зуҳуров | ҲХДТ |
| 13 | Домулло Ҷабборов | ҲХДТ |
| 14 | Назира Ғаффорова | ҲХДТ |
| 15 | Абдузафар Инъомов | ҲХДТ |
| 16 | Мақсуда Самадова | ҲХДТ |
| 17 | Азизмат Имомов | ҲХДТ |
| 18 | Нурулло Оқилов | ҲХДТ |
| 19 | Насруллоҳ Маҳмудов[107] | ҲХДТ |
| 20 | Амир Катаев | ҲХДТ |
| 21 | Шакарбек Самадов | ҲХДТ |
| 35 | Сафаралӣ Гулов | ҲХДТ |
| 36 | Маҳмадраҳим Каримов | ҲХДТ |
| 37 | Амирхон Сафаров | ҲХДТ |
| 38 | Сафаралӣ Раҷабов | ҲХДТ |
| 39 | Рустам Латипов | ҲАТ |
| 40 | Назрулло Ҷонов | ҲХДТ |
| 41 | Миргант Шаҳбозов | ҲХДТ |

[107] Аз рӯйи мақолае, ки дар ҳафтаномаи «Азия-Плюс» дар таърихи 15 марти соли 2010 интишор гардид – www.asiaplus.tj. Дар таърихи 14 март дар КҲИ №19 давраи дуввуми овоздиҳӣ баргузор гардид.

## САҲА/ДИДҲБ

Дафтар оид ба институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи башари (ДИДҲБ) ниҳоди асосии САҲА оид ба меъёрҳои инсонӣ мебошад. Яъне ДИДҲБ ба кишварҳои узви САҲА дар «таъмини эҳтироми пурраи ҳуқуқи инсон, озодиҳои асосии ӯ, фаъолияти қонунӣ, татбиқи усулҳои демократии ва … дар таъсис, таҳким ва ҳимояи ниҳодҳои демократӣ, инчунин ташаккули муносибатҳои таҳаммулпазирӣ дар миқёси созмон» (Санади Хелсинки, соли 1992) мусоидат менамояд.

ДИДҲБ дар шаҳри Варшаваи Лаҳистон ҷой дорад. Он соли 1990 дар асоси Хартияи Париж таҳти номи қаблии «Дафтар оид ба интихоботи озод» таъсис дода шуд. Аз он вақт то ба имрӯз Дафтар мунатазам рушд кард ва инкишоф ёфт. Номи кунунии худро Дафтар соли 1992, яъне пас аз васеъ гардонидани ваколати худ ва дар бар гирифтани ҳуқуқи инсон ва раванди демократикунонӣ гирифт. Айни замон зиёда 100 корманд дар ин Дафтар бо дар бар гирифтани тамоми манотиқи САҲА фаъолият менамоянд.

ДИДҲБ аз ташкилотҳои фаъоли Аврупо дар бахши назорат аз болои интихобот ба ҳисоб меравад. ДИДҲБ намояндагони худро барои гузаронидани назорат аз болои интихобот ба кишварҳои узви САҲА ба мақсади баҳогузории риояи ӯҳадориҳои онҳо дар бахши интихобот мефиристад. Ҳамасола ҳазорон нозирони ДИДҲБ интихоботҳоро дар тамоми минтақаи САҲА назорат мекунанд. Методологияи ба таври муфассал ва дақиқ таҳиягардида имкони дар бар гирифтани тамоми паҳлуҳои раванди интихобот ва то ҳадди имкон баҳогузории пурраро медиҳад.

Бахши **демократикунонии** ДИДҲБ бахшҳои гуногунро, аз қабили волоияти қонун, ҷомеаи шаҳрвандӣ, озодии ҳаракат, баробарҳуқуқӣ байни марду зан ва мубориза бо хариду фурӯши одамонро дар бар мегирад. Ҳамасола ДИДҲБ зиёда аз 100 лоиҳаи мақсаднокро татбиқ намуда, дар сохтмони ниҳодҳои демократӣ ва риояи ҳуқуқи инсон, инчунин таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохтмони давлати ҳуқуқбунёд кӯмаки амалӣ мерасонад.

ДИДҲБ дар ҳимояи **ҳуқуқи инсон** тавассути лоиҳаҳои кӯмаки техникӣ ва барномаҳои омӯзишӣ дар бахши меъёрҳои инсонӣ мусоидат менамояд. Дафтар корҳои тадқиқотӣ ва таҳияи ҳисоботҳоро оид ба масъалаҳои гуногуни марбут ба ҳуқуқи инсон ба зима дорад. Ғайр аз ин, Дафтар мулоқотҳои ҳарсоларо барои ҷаласаҳои САҲА оид ба риояи ӯҳдадориҳои худ дар бахши меъёрҳои инсонӣ аз ҷониби кишварҳои узви САҲА мегузаронад. Ба мақсади мубориза бо терроризм, Дафтар дар самти баланд бардоштани меъёрҳои инсонӣ як қатор лоиҳаҳоеро, ки ба муайян намудани омилҳои рушди терроризм равона гардидаанд, татбиқ менамояд.

ДИДҲБ ба ҳукуматҳои САҲА оид ба татбиқи сиёсат нисбати **рома ва синти** тавсияҳо медиҳад. Дафтар барномаи амалиёт баҳри тавсеаи ҳуқуқҳои сиёсии рома ва синти дар минтақаи САҲА ва мусоидат ва дастгирии рушди шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳои рома ва синтиро татбиқ менамояд. Дафтар, инчунин ба ҳамкорӣ байни ниҳодҳои САҲА, ҳукуматҳо, ташкилотои байналхалқӣ ва ғайриҳукуматӣ дар масъалаҳои марбут ба рома ва синти мусоидат менамояд.

ДИДҲБ дар ҳамбастагии зич бо дигар ниҳодҳои САҲА ва намояндагиҳои маҳаллии он, дигар ташкилотҳои байналхалқӣ фаъолият менамояд.

Маълумоти бештарро роҷеъ ба САҲА/ ДИДҲБ метавонед аз сомонаи www.osce/odihr дастрас намоед.